ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ
АКАДЕМИЯ

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ПЕШБУРДИ ТОСУДИИ МАВОД ВА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Монография

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

**РАҲМАДҶОНЗОДА РИФАТ РАҲМАДҶОН**
**МАҲМАДАЛИЗОДА АЛИШЕР МАҲМАДАЛӢ**
**АРИПОВ АНВАР ЛУТФИЛЛОЕВИЧ**
**КАРИМОВ ЭРАҶ ҲОТАМОВИЧ**

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ПЕШБУРДИ ТОСУДИИ МАВОД ВА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

***Монография***

Душанбе
«ЭР-граф»
2019

УДК 343.11 (575.3)
ББК 67.99 (2) 8 (2тоҷик)
Р-46

**Муаллифон:**

Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон (Юлдошев Р.Р.), номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия

Маҳмадализода Алишер Маҳмадалӣ, сардори Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия

Арипов Анвар Лутфиллоевич, номзади илмҳои ҳуқуқ, сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия

Каримов Эраҷ Ҳотамович, муовини сардори Раёсати нозиротӣ-ташкилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия

**Муқарризон:**

Муҳитдинов А. А., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Рауфов Ф. Х., муовини сардори Раёсати назорати тафтишоти пешакии мақомоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 2

**Раҳмадҷонзода Р. Р., Маҳмадализода А. М., Арипов А. Л. Каримов Э. Ҳ.** Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ : монография. – Душанбе : «ЭР-граф», 2019. – 96 с.

Тадқиқоти монографии мазкур ба яке аз масоили мубрами фаъолияти мурофиавии мақомоти корҳои дохилӣ – пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шуда, солҳои тулонӣ аз ҷониби муаллифон таҳлил, мувофиқа ва таълиф гаштааст. Қисмҳои алоҳидаи тадқиқоти мазкур дар ҳар шакл нашр гашта, ба хонандаи гиромӣ тариқи маводи пурраву коркардшуда бори аввал пешниҳод мегардад.

Фикру ақидаи муаллифон дар бобати мукаммал сохтани пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ махсусан таҳлил гашта тавассути тасвир намудани ҳолати муосири самти тафтишот, дастовард ва камбудиҳои соҳаи мазкур муқоиса карда шудааст.

Маводи мазкур ба доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

**ISBN 978-99975-78-26-6** **ББК 67.99 (2) 8 (2тоҷик)**

**© Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.М. Маҳмадализода, А.Л. Арипов, Э.Ҳ. Каримов, 2019**

# МУНДАРИЧА:

**Пешгуфтор** ........................................................................................ 4

**Боби 1.** Чанд сухане дар бораи тафтиши ҷиноятҳо
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ..................................................... 6

**Боби 2.** Дастовард ва дурнамои инкишофи пешбурди
тосудии мақомоти корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................21

**Боби 3.** Ноқисиҳои маводи аввалияи мақомоти таҳқиқ .......32

**Боби 4.** Оғози парвандаи ҷиноятӣ: мушкилот
ва роҳҳои ҳалли он...............................................................45

**Боби 5.** Вазъи ҳуқуқии муфаттиш дар мурофиаи
ҷиноятӣ ва мушкилоти он дар замони муосир......................57

**Боби 6.** Мушкилот дар интихоб ва татбиқи
чораҳои пешгирӣ....................................................................70

**Боби 7.** Мушкилоти пешбурди амалҳои
тафтишии алоҳида ................................................................82

**Боби 8.** Супориши хаттии муфаттиш яке аз заминаҳои
кушодан ва ошкор намудани ҷиноятҳо .................................89

# ПЕШГУФТОР

Ҳайати муаллифонро бевосита таълиф ва рӯйи қоғаз овардани тадқиқоти мазкур суханрониҳои судманд ва саршор аз ҳидояту дастурҳои пурмазмуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 13 марти соли 2018 дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура ва 10 ноябри соли ҷорӣ дар суханронии хеш дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик ироа гардиданд, такони ҷиддӣ ва далерӣ бахшиданд.

Дар баромадҳои болозикри худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ғайр аз самтҳои мусбии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии кишвар, самтҳои манфӣ ё худ тақвиятбахшро таҳлил намуда ба самъи ҳозирин расониданд, ки дар навбати худ ҳамчун роҳнамо бо мақсади аз байн бурдани камбудиҳои қайдгардида, метавон баҳо дод.

Тақвият бахшидан ва мукаммал сохтани фаъолияти ҳар як ниҳоди мақомоти дахлдори давлатӣ яке аз самтҳои мубрам ва афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар навбати худ, дар ҷодаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷиноятҳо тавассути ошкор ва тафтиш намудани онҳо, ки сол то сол рӯ ба болоравӣ овардааст, ки тадқиқ ва баррасии соҳаи мазкур аз аҳамияти илмӣ ва амалӣ холӣ набуда, бояд ҳамчун роҳнамо ва сармашқи ҳаррӯзаи касбии кормандони оддӣ ва роҳбарони ҷузъу томҳои дахлдор гардад.

Бо мақсади якҷоя намудани дастоварди илм ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти корҳои дохилӣ, муаллифон кӯшиш ба харҷ доданд то маводе таълиф намоянд, ки паҳлуҳои мухталифи пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирад ва дар интиҳо як қатор тавсияҳои судманд ва ҷолиб пешниҳод карда шаванд.

Тадқиқоти монографии мазкур ба яке аз масоили мубрами фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ – пешбурди тосу-

дии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шуда, солҳои тулонӣ аз ҷониби муаллифон таҳлил, мувофиқа ва таълиф гаштааст. Қисмҳои алоҳидаи тадқиқоти мазкур дар ҳар шакл нашр гашта, ба хонандаи гиромӣ тариқи маводи пурраву коркардшуда пешниҳод мегардад, ки ҷолибият ва муҳимияти он ҳангоми мутолиа мушоҳида карда мешавад.

Фикру ақидаи муаллифон дар бобати мукаммал сохтани пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ махсусан таҳлил гашта тавассути тасвир намудани ҳолати муосири самти тафтишот, дастовард ва камбудиҳои соҳаи мазкур, муқоиса карда шудааст. Таклифҳои судманд ва ҷоннокӣ муаллифон дар тақвият бахшидани ин самти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар раванди ислоҳот қарор дорад, таъсирбахш буда, қабул ва мавриди истифодабарӣ қарор додани он, чораи зарурӣ ва саривақтӣ аст.

Вобаста аз мундариҷа ва интихоб намудани самти таҳлил, маводи мазкур ба доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

Дар навбати худ, муаллифон оид ба таклифу пешниҳодот вобаста ба муҳтаво ва мазмуни мавод, ки аз ҷониби хонандаи гиромӣ ва ҳамкасбон баҳогузорӣ ва ирсол карда мешаванд, қаблан сипосгузоранд ва дар нашрҳои минбаъдаи мавод ҳатман ба инобат гирифта мешаванд.

# БОБИ 1

## ЧАНД СУХАНЕ ДАР БОРАИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятӣ ва мавод ~~ва~~ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ накши бузург дорад. Маҳз дар ҳамин марҳила аксар вакт ҷой доштани ҷинояти содиршуда ва бандубасти аввалин муайян карда мешавад, ки аз ҳар як шахси мансабдор маҳорати хуб ва дониши мукаммалро талаб менамояд.

Вақтҳои охир, афзоиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ, таъсири худро ба пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ низ мегузорад. Бо дастрасии маълумоти омории муфассал, метавон хулоса баровард, ки имрӯзҳо пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ як фаъолияти пурпечутоби на ба ҳама маълуми мақомоти корҳои дохилӣ гардидааст, ки аксар вақт намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ аз надонистани нозукиҳо ин соҳаро зери танқид қарор медиҳанд.

Қисмати зиёди ин таҳлилҳо дар як қатор тадқиқоти илмии муаллифон мавриди таҳлил ва баррасӣ дар қиёс бо дигар давлатҳо гузаронида шуд, ки дар маҷмӯъ оид ба тамоюлҳои муосири афзоиш ва пастшавии ҷинояткории бақайдгирифташуда, сатҳ ва миқдори сифатии он, вазни қиёси ҷинояткории бақайдгирифта тавсияҳои судманд коркард карда шудаанд[1].

Таҳлили маълумоти омории ҷинояткории бақайдгирифта дар 38 соли охир тамоюлҳои гуногуни онро тасвир намуд.

Сар карда аз соли 1980 то соли 1992 яку якбора ҷинояткорӣ афзоиш ёфт, тақрибан ба ду маротиба (тасвири 1).

---

[1] Ниг.: Рогова Е.В., Юлдошев Р.Р. Уголовный проступок в контексте современных тенденций уголовной политики : монография. – Душанбе : Издательство «Эр-граф», 2017. – С. 16-18; Юлдошев Р.Р., Махмадиев Х.Х., Акбарзода А.А. Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.). – Душанбе : «КОНТРАСТ», 2018. – С. 43-49.

***Тасвири 1***

**Афзоиши ҷинояткории бақайдгирифта дар Тоҷикистон солҳои 1980-1992**




Аз соли 1993 то соли 2008 дар Тоҷикистон ҷинояткории бақайдгирифта рӯ ба пастшавӣ овард (тасвири 2).

***Тавсири 2***

**Пастшавии ҷинояткории бақайдгирифташуда дар Тоҷикистон дар солҳои 1993-2008**




Аз соли 2009 то соли 2017 сатҳи ҷинояткории бақайдгирифтшуда рӯ ба афзоиш ниҳод (тасвири 3).

*Тасвири 3*

**Афзоиши ҷинояткории бақайдгирифташуда дар солҳои 2009-2018**




Вобаста ба гузаронидани таҳлили сатҳ ва миқдори сифатии ҷинояткории бақайдгирифташуда, хамин ҳолатро бояд ба инобат гирифт, ки қариб тамоми рақамҳо ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳо дар Тоҷикистон рӯ ба афзоиш ва дигаргуншавии мазмуни он оварда расонидааст.

Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ дар ҳама самтҳо ташкил ва гузаронида шуда истодааст, ки дар як марҳилаи муайян натиҷаҳои худро нишон хоҳад дод. Ҷинояткорӣ падидаи манфие аст, ки онро бо як ё ду амал ё фишангҳо аз байн бурда намешавад, фақат метавон сатҳ ва миқдори онро паст сохт тариқи бурдани муқовимати шадид ва бо қабули ҳуҷҷатҳои соҳавӣ. Барномаҳои комплексии коркардшуда дар ин самт тақвиятбахши муқовимат ҳастанд.

Гуфтаҳои болоро тасвир ва таҳлили маълумоти оморӣ оид ба сатҳ ва афзоиши ҷинояткории бақайдгирифта, инчунин маълумоти омории тафтишотии мушаххас вобаста ба солҳои 1980-2018 муайян месозад.

Ҳамин тариқ, қобили қабул аст, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон мушаххассан дар таблитсаҳои 1-5 оварда шудаанд.

*Таблитсаи 1*

**ДИНАМИКАИ**
**ҷинояткории бақайдгирифташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба солҳои 1980-2018**

| Солҳо | Микдори ҷиноятҳои бақайдгирифташуда | Афзоиш дар қиёс бо соли гузашта (%) |
|---|---|---|
| **1980** | 10 380 | - |
| **1985** | 15 145 | +1,45 |
| **1986** | 13 880 | -0,91 |
| **1987** | 12 798 | -0,92 |
| **1988** | 13 755 | +1,07 |
| **1989** | 16 399 | +1,19 |
| **1990** | 16 887 | +1,02 |
| **1991** | 18 476 | +1,09 |
| **1992** | 25 296 | +1,36 |
| **1993** | 24 651 | -0,97 |
| **1994** | 14 278 | -0,57 |
| **1995** | 14 530 | +1,01 |
| **1996** | 13 388 | -0,92 |
| **1997** | 13 201 | -0,98 |
| **1998** | 13 161 | -0,99 |
| **1999** | 14 413 | +1,09 |
| **2000** | 14 455 | +1,00 |
| **2001** | 14 117 | -0,97 |
| **2002** | 12 754 | -0,91 |
| **2003** | 11 150 | -0,87 |
| **2004** | 11 037 | -0,98 |
| **2005** | 12 074 | +1,09 |
| **2006** | 11 223 | -0,92 |
| **2007** | 12 115 | +1,07 |
| **2008** | 11 658 | -0,96 |
| **2009** | 12 408 | +1,06 |
| **2010** | 14 548 | +1,17 |
| **2011** | 16 864 | +1,15 |
| **2012** | 16 593 | -0,98 |
| **2013** | 18 336 | +1,10 |
| **2014** | 19 352 | +1,05 |
| **2015** | 21 585 | +1,11 |
| **2016** | 21 756 | +1,00 |
| **2017** | 22 018 | +1,01 |
| **2018** | 21 957 | -0,99 |

*Таблитсаи 2*

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ
## оид ба ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва нокушода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2018

| Солҳо | Миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта | Миқдори парвандаҳои ҷиноятии боздошташуда бо б. 1-3 қ.1 м. 230 КМҶ ҶТ | % кушодашавӣ |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| **1991** | 18 476 | 6 387 | 63,3 |
| **1992** | 25 296 | 8 339 | 69,8 |
| **1993** | 24 651 | 13 408 | 76,4 |
| **1994** | 14 279 | 6 964 | 56,1 |
| **1995** | 14 530 | 5 778 | 61,4 |
| **1996** | 13 388 | 5 243 | 41,4 |
| **1997** | 13 201 | 5 524 | 47,7 |
| **1998** | 13 161 | 4 353 | 51,1 |
| **1999** | 14 413 | 4 716 | 59,0 |
| **2000** | 14 455 | 3 544 | 67,74 |
| **2001** | 14 117 | 3 167 | 69,29 |
| **2002** | 12 754 | 2 787 | 73,84 |
| **2003** | 11 150 | 1 778 | 79,00 |
| **2004** | 11 037 | 1 651 | 80,55 |
| **2005** | 12 074 | 1 523 | 82,26 |
| **2006** | 11 223 | 1 696 | 84,15 |
| **2007** | 12 115 | 1 563 | 85,38 |
| **2008** | 11 658 | 1 412 | 86,66 |
| **2009** | 12 408 | 1 399 | 87,52 |
| **2010** | 14 548 | 1 268 | 85,39 |
| **2011** | 16 864 | 1 485 | 90,00 |
| **2012** | 16 593 | 1 651 | 87,52 |
| **2013** | 18 336 | 1 857 | 86,88 |
| **2014** | 19 352 | 1 778 | 87,71 |
| **2015** | 21 585 | 1 735 | 88,48 |
| **2016** | 21 756 | 1 855 | 87,15 |
| **2017** | 22 018 | 2 440 | 83,4 |
| **2018** | 21 957 | 2 408 | 83,6 |

*Таблитсаи 3*

# КУШОДАШАВИИ
## ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи солона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Солҳо | Миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта | % кушодашавӣ |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| **1991** | 18 476 | 63,3 |
| **1992** | 25 296 | 69,8 |
| **1993** | 24 651 | 76,4 |
| **1994** | 14 279 | 56,1 |
| **1995** | 14 530 | 61,4 |
| **1996** | 13 388 | 41,4 |
| **1997** | 13 201 | 47,7 |
| **1998** | 13 161 | 51,1 |
| **1999** | 14 413 | 59,0 |
| **2000** | 14 455 | 67,74 |
| **2001** | 14 117 | 69,29 |
| **2002** | 12 754 | 73,84 |
| **2003** | 11 150 | 79,00 |
| **2004** | 11 037 | 80,55 |
| **2005** | 12 074 | 82,26 |
| **2006** | 11 223 | 84,15 |
| **2007** | 12 115 | 85,38 |
| **2008** | 11 658 | 86,66 |
| **2009** | 12 408 | 87,52 |
| **2010** | 14 548 | 85,39 |
| **2011** | 16 864 | 90,00 |
| **2012** | 16 593 | 87,52 |
| **2013** | 18 336 | 86,88 |
| **2014** | 19 352 | 87,71 |
| **2015** | 21 585 | 88,48 |
| **2016** | 21 756 | 87,15 |
| **2017** | 22 018 | 83,4 |
| **2018** | 21 957 | 83,6 |

*Таблитсаи 4*

**МАЪЛУМОТИ УМУМӢ**
**оид ба ҷиноятҳои бақайдгирифташуда**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(нисбат ба 01 январи ҳар соли ҳисоботӣ)**

| Солҳо | Миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта | Миқдори парвандаҳои ҷиноятии тафтишшуда | Миқдори парвандаҳои ҷиноятии боздошташуда бо б. 1-3 қ.1 м. 230 КМҶ ҶТ | Мӯҳлати тафтишоташ гузаштааст | % фоизи кушодашави |
|---|---|---|---|---|---|
| **1991** | 18 476 | 11 012 | 6 387 | - | 63,3 |
| **1992** | 25 296 | 8 337 | 8 339 | - | 69,8 |
| **1993** | 24 651 | 8 767 | 13 408 | - | 76,4 |
| **1994** | 14 279 | 8 916 | 6 964 | - | 56,1 |
| **1995** | 14 530 | 9 182 | 5 778 | - | 61,4 |
| **1996** | 13 388 | 8 901 | 5 243 | - | 41,4 |
| **1997** | 13 201 | 9 389 | 5 524 | 4 771 | 47,7 |
| **1998** | 13 161 | 8 975 | 4 353 | 4 243 | 51,1 |
| **1999** | 14 413 | 10 438 | 4 716 | 2 546 | 59,0 |
| **2000** | 14 455 | 11 190 | 3 544 | 1 786 | 67,74 |
| **2001** | 14 117 | 11 356 | 3 167 | 1 865 | 69,29 |
| **2002** | 12 754 | 10 877 | 2 787 | 1 066 | 73,84 |
| **2003** | 11 150 | 9 590 | 1 778 | 771 | 79,00 |
| **2004** | 11 037 | 9 349 | 1 651 | 606 | 80,55 |
| **2005** | 12 074 | 10 138 | 1 523 | 664 | 82,26 |
| **2006** | 11 223 | 10 133 | 1 696 | 212 | 84,15 |
| **2007** | 12 115 | 10 377 | 1 563 | 214 | 85,38 |
| **2008** | 11 658 | 10 240 | 1 412 | 164 | 86,66 |
| **2009** | 12 408 | 11 077 | 1 399 | 181 | 87,52 |
| **2010** | 14 548 | 11 178 | 1 268 | 644 | 85,39 |
| **2011** | 16 864 | 16 439 | 1 485 | 342 | 90,00 |
| **2012** | 16 593 | 14 875 | 1 651 | 471 | 87,52 |
| **2013** | 18 336 | 15 823 | 1 857 | 533 | 86,88 |
| **2014** | 19 352 | 17 498 | 1 778 | 674 | 87,71 |
| **2015** | 21 585 | 19 118 | 1 735 | 755 | 88,48 |
| **2016** | 21 756 | 19 670 | 1 855 | 1 045 | 87,15 |
| **2017** | 22 018 | 19 025 | 2 440 | 1 349 | 83,4 |
| **2018** | 21 957 | 19 126 | 2 408 | 1 341 | 83,6 |

*Таблитсаи 5*

**МАЪЛУМОТИ УМУМӢ**
**оид ба ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, тафтишшуда ва кушодашуда бо роҳи тафтишотӣ ва оперативӣ дар солҳои 1999-2018**

| Солҳо | Миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта | Миқдори парвандаҳои ҷиноятии тафтишшуда | Кушодашуда бо роҳи: | |
|---|---|---|---|---|
| | | | оперативӣ | тафтишотӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | |
| **1999** | 14 413 | 10 438 | 3 101 | 974 |
| **2000** | 14 455 | 11 190 | 3 683 | 883 |
| **2001** | 14 117 | 11 356 | 367 | 724 |
| **2002** | 12 754 | 10 877 | 3 887 | 689 |
| **2003** | 11 150 | 9 590 | 3 424 | 556 |
| **2004** | 11 037 | 9 349 | 2 992 | 372 |
| **2005** | 12 074 | 10 138 | 3 302 | 372 |
| **2006** | 11 223 | 10 133 | 2 785 | 236 |
| **2007** | 12 115 | 10 377 | 3 199 | 242 |
| **2008** | 11 658 | 10 240 | 3 168 | 315 |
| **2009** | 12 408 | 11 077 | 3 943 | 777 |
| **2010** | 14 548 | 11 178 | 3 732 | 1 029 |
| **2011** | 16 864 | 16 439 | 4 251 | 2 277 |
| **2012** | 16 593 | 14 875 | 4 825 | 874 |
| **2013** | 18 336 | 15 823 | 4 517 | 910 |
| **2014** | 19 352 | 17 498 | 5 730 | 879 |
| **2015** | 21 585 | 19 118 | 7 115 | 922 |
| **2016** | 21 756 | 19 670 | 6 837 | 1 200 |
| **2017** | 22 018 | 19 025 | 5 750 | 1 374 |
| **2018** | 21 957 | 19 126 | 5 066 | 1 395 |

Вобаста ба сатҳ, сифат ва миқдори пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ бояд ҳаматарафа ва воқеъбинона тамоми самтҳои онро таҳлил намуд. Яктарафа ва бе таҳлили аниқ хулосабарорӣ намудан дар раванди пешбурди тосудӣ ба хатогиҳо ва нодуруст дарк намудани чунин фаъолияти мурофиавӣ оварда мерасонад.

Рақамҳои овардашуда дар маҷмӯъ аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз афзоиш ёфтани ҷинояту ҷинояткорӣ дар ин самт ҳам як қатор дастовардҳо ба назар мерасанд.

Бахусус, соҳаи илм ва амалияи пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як мавқеи муайян ва хосаро касб нанамудааст.

Олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар як мавқеи муайян ва фикри том қарор надоранд. Модели муайяни фаъолияти мурофиавӣ дар ин самт коркард карда нашудааст ва дар корҳои илмӣ ба ин самтҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карда намешавад.

Аввалин маротиба оид ба таъсис додани ниҳоди алоҳидаи тафтишотӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ Р. Зойиров ва Ф. Абдуллоев пешниҳод карда шуда буд, ки онҳо мақоми ин хадамотро чунин тасвир карда буданд: кумитаи тафтишотӣ бояд ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ буда бояд норозигии кормандон аз фаъолият; мукаммалсозӣ ва дигаргун намудани ин фаъолият; барҳам додани ниҳодҳои ҳаммонанд дар дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз байн барад, ки ҳолатҳои зикргардида ба мазмуни тафтишот халал мерасонанд[1].

А.А. Муҳитдинов низ бар он ақида аст, ки дар ҷумҳурӣ бояд як ниҳоди алоҳидаи тафтишотӣ таъсис дода шавад, то ин ки камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи тафтишот аз байн бурда шаванд[2].

Масъалаи таъсис додани хадамоти алоҳида ва мустақили тафтишотӣ дар кори якчанд конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки дар ҷумҳурӣ гузаронида шуда буданд, аз ҷониби олимон ва кормандони амалӣ мав-

---

[1] Зойиров Р., Абдуллоев Ф. Судебно-правовая реформа в Таджикистане: задачи и перспективы // Проблемы укрепления законности и правопорядка в Таджикистане. – Душанбе, 1996. – С. 9.

[2] Мухитдинов А.А. Процессуальное положение следователя в уголовном процессе Республики Таджикистан / Республиканская научно-практическая конференция с участием международных экспертов «Роль криминалистики в раскрытии и расследовании преступлений» (25 сентября 2015 г. Академия МВД Республики Таджикистан) // Труды Академии. № 3 (27). – Душанбе, 2015. – С. 234-239.

риди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт, ки аз мубрам будани ин соҳа шаҳодат медиҳад[1].

Масъалаи соҳаи тафтишот дар якчанд Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сар карда аз соли 2007 қабул мешаванд, махсусан дарҷ карда мешаванд.

Ба ин мисол шуда метавонад лоиҳаи Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017, ки дар фасли 11 ин ҳуҷҷат махсусан қайд оид ба «Таъсис додани хадамоти тафтишотӣ дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр шуда буд. Аммо, сабаби чунин таклифи муаллифони лоиҳа мушахассан дар матни он оварда нашуда буд. Баъд аз қабул намудани Барномаи мазкур оид ба ин таклифи муаллифони лоиҳа ягон сухане ҷой надошт.

Фақат дар банди 17 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 оварда шуда буд, ки бо мақсади мукаммалнамоии тафтиши пешакӣ дар самти хориҷ намудани як қатор амалҳои тафтишии нолозим ва сарфаи воситаҳо бояд қонунгузорӣ ва амалияи тафтишоти пешакӣ омӯхта шуда, таклифҳо оид ба мукаммалнамоии он пешниҳод карда шаванд.

Муаллифон ҳам дар ин самт як қатор таклифҳои худро коркард намуда дар шакли тавсияҳо оид ба мукаммал сохтани соҳаи тафтишот ба нашр расонидаанд[2]. Махсусан пешниҳод карда шуда буд, ки дар ҷумҳурӣ Консепсияи яго-

---

[1] Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан (материалы республиканской научно-практической конференции, г. Душанбе, 22 октября 2015 г.). – Душанбе : «Империал-Групп», 2015. – 396 с.; Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он : маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ // зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе : «ЭР-граф», 2018. – 256 с.

[2] Арипов А.Л., Шафизода Р.И. Муҳлати пешбурди таҳқиқ // Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он : маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ // зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе : «ЭР-граф», 2018. – 256 с.

наи мукаммалсозии фаъолияти мақомоти тафтишотӣ таҳия карда шавад[1].

---

[1] Ниг.: Юлдошев Р.Р. О будущем реформировании органов предварительного расследования в Таджикистане // Абубакировские чтения: материалы международной научно-практической конференции, 19 февраля 2015 г. – Алматы: Республика Казахстан, 2015. – С. 284-289; Реформирование органов предварительного расследования в Таджикистане // Международная научно-практическая конференция «Организация деятельности органов расследования преступлений: управленческие, правовые и криминалистические аспекты (к 60-летию кафедры управления органами расследования преступлений)» (23-24 апреля 2015 года, Академия управления МВД России). – М.: Академия управления МВД России, 2015. – С. 255-258; О перспективах в деятельности органов расследования преступлений / Республиканская научно-практическая конференция с участием международных экспертов «Роль криминалистики в раскрытии и расследовании преступлений» (25 сентября 2015 г. Академия МВД Республики Таджикистан) // Труды Академии. № 3 (27). – Душанбе, 2015. – С. 234-239; О разработке Единой Концепции совершенствования деятельности органов предварительного расследования в Таджикистане // «Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан» (22 октября 2015 г. Юридический факультет Таджикского национального университета) // под ред. И.Т. Махмудова и А.И. Сафарова. – Душанбе: «Империал-Групп», 2015. – С. 214-224; Юлдошев Р.Р., Власова С.В. Реформа предварительного расследования в России и Таджикистане: общее и различия // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – № 3 (35). – 2016. – С. 115-122; Оптимизация досудебного расследования в Таджикистане // Актуальные проблемы юридических наук: теория и практика. Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Независимости РТ и 20-летию РТСУ (Душанбе, 27-28 октября 2016 г.). – Душанбе: РТСУ, 2016. – С. 379-383; Модернизация отечественного уголовного судопроизводства // Актуальные вопросы реформирования процессуального законодательства и правоохранительной деятельности (материалы международной научно-теоретической конференции, г. Душанбе, 25 ноября 2016 г.) / Под редакцией заведующего кафедрой судебного права и прокурорского надзора, кандидата юридических наук, доцента Махмудова И.Т. – Душанбе: «Визави», 2016. – С. 187-197; Предварительное расследование в Таджикистане и перспективы его развития // Предварительное расследование и перспективы его развития : материалы международной научно-практической конференции // под общей редакцией к.ю.н., доцента Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе : «ЭР-граф», 2018. – С. 237-243; Махмадализода А.М. Приветственная речь // Предварительное расследование и перспективы его развития : материалы между-народной научно-практической конференции // под общей редакцией к.ю.н., доцента Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе : «ЭР-граф», 2018. – С. 20-26.

Ин фаъолият низ, ба мисли дигар самтҳои хизматии мақомоти корҳои дохилӣ зарурат ба мукаммалнамоӣ дорад.

Айни замон, дар баъзан давлатҳои ИДМ васеъ истифода бурдани имкониятҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ, роҳандозӣ гашта истодааст.

Дигар шакли мукаммалнамоӣ – ин тафриқанамоии пешбурди тосудӣ ва содда кардани қисматҳои он (муҳлати тафтишот, кам кардани амалҳои тафтишӣ ва м.и.) мубрам ва чораи саривақтӣ эътироф гаштаанд.

Бо итминони комил метавон қайд намуд, ки бо ворид намудани лоиҳаи «Китоби бақайдгирии электронии ҷиноятҳо» камбудиҳои соҳа бартараф карда мешаванд.

Дар ин ҷода мехостем дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки санаи 13 марти соли 2018 дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура, дода шуда буданд, хотиррасон намоем.

«Вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои таҳқиқу тафтиш ба талабот пурра ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд.

Масалан, бо сабаби пурраву ҳаматарафа тафтиш нагардидани ҳолатҳои парванда ва роҳ додан ба дигар қонунвайронкуниҳо, дар маҷмӯъ, қариб 1 200 адад парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҷониби судҳо 534 парванда ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Баъди тафтишоти иловагӣ қариб 800 парванда дубора ба судҳо ирсол гардида, 160 парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи худи мақомоти тафтиш қатъ карда шудаанд.

Яъне оид ба 1 159 парвандаи ҷиноятӣ на танҳо айбдоршавандагон, балки шоҳидону хешу таборони онҳо такрор ба такрор ба мақомот даъват гардидаанд, ки ҳамаи ин вақт ва маблағи иловагиро талаб мекунад. 160 парвандаи қатъгар-

дида бошад, нишон медиҳад, ки ҳамин қадар айбдоршавандаҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Ғайр аз ин, мақомоти прокуратура 1 215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор кардаанд. Илова бар ин, 228 қарори дигари мақомоти тафтиш дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби беасос оғоз карда шуданашон қатъ карда шудаанд.

Аз ҷониби судҳо дар даҳ соли охир 38 нафар пурра сафед карда шудааст.

Ҳамаи ин гуфтаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки сифати тафтишоти пешакӣ то ҳол қаноатбахш нест. Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки дар паси ҳар як парванда одамон меистанд. Муфаттишон ва таҳқиқбарон набояд бо тақдири одамон бозӣ кунанд. Ҳар як даъват ба мақомот боиси озурдахотирии одамон мегардад.

Бинобар ин, кормандони мақомот бояд хуб дарк намоянд, ки онҳо на соҳиб ва ҳалкунандаи тақдири дигарон, балки муҳофизони ҳуқуқи онҳо мебошанд.

Дар ин самт Прокуратураи генералиро зарур аст, ки назорати риояи қонунро дар марҳалаҳои тосудӣ боз ҳам ҷиддитар намояд ва ба вайрон гардидани ҳуқуқи одамон роҳ надиҳад.

Мехоҳам диққати шуморо боз ба як масъалаи хеле муҳим ҷалб намоям.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятиро дақиқ муқаррар намуда, назорати риояи онро ба зиммаи прокурорҳо вогузор кардааст.

Илова бар ин, ба прокурорҳо ҳуқуқ дода шудааст, ки дар ҳолати вайрон гардидани тобеияти тафтишотӣ, инчунин, бо мақсади пурра, ҳаматарафа ва холисона анҷом додани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, сарфи назар аз тобеияти тафтиш, парвандаи ҷиноятиро аз як мақоми таҳқиқ ё тафтиш ба дигар мақомоти таҳқиқ ё тафтиш диҳанд.

Вале прокурорҳо ин вазифаи худро нодида мегиранд, ки дар натиҷа байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ рақобати носолим

ба вуҷуд омада, боиси баромадан аз ҳадди ваколати хизматӣ ва машғул шудан бо фаъолияте мегардад, ки ба вазифаҳои асосии ин ё он мақомот дахл надорад.

Бинобар ин, ба прокурорҳои ҳамаи сатҳҳо дастури қатъӣ дода мешавад, ки ба риояи тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ дар мақомоти тафтишу таҳқиқ диққати аввалиндараҷа дода, ба зиёдаравӣ ва баромадан аз ҳадди ваколати хизматӣ аз ҷониби дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва худи прокурорҳо роҳ надиҳанд.

Беасос тӯл кашидани тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ки боиси ташвишу саргардонӣ ва норизоияти шаҳрвандон мегардад, яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти муфаттишони мақомоти назорату тафтишот мебошад.

Дар соли 2017-ум ҳолатҳои вайрон намудани мӯҳлати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 18 %, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 16 %, мақомоти прокуратура 12 %, Агентии назорати маводи нашъаовар 12 % ва Вазорати корҳои дохилӣ 11 %-ро ташкил кардаанд.

Аз ин лиҳоз, ба мақомоти прокуратура зарур аст, ки назоратро аз болои рафти таҳқиқу тафтиш, алалхусус, ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва беасос ба ҷавобгарӣ кашидани одамон, сифати пасти тафтиши парвандаҳо ва риоя нагардидани мӯҳлати тафтиш боз ҳам пурзӯр карда, ҳолатҳои беасос кашол додани тафтиш ва аз ҷониби таҳқиқбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кардани шаҳрвандонро пешгирӣ намоянд[1]».

Суханҳои болозикри Пешвои муаззами миллат, ки камбудиҳои соҳаи тафтишотро муайян намудаанд, бояд дар навбати аввал барои бартараф намудани он тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар саъю талош намоянд. Бартарафнамоии ин камбудиҳо дар якҷоя намудани донишҳои бунёдии соҳавӣ ва амалияи пешрафтаи мақомоти тафтишотӣ амалӣ гардонида мешавад.

---

[1] Суханронӣ дар вохӯри бо кормандони мақомоти прокуратура // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Ресурси электронӣ]: URL: www.president.tj/ru/node/17272 (санаи муроҷиат: 13.04.2018).

Сипас, масъалаи таҳлилшавандаи мо боз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими иштирок дар Рӯзи милитсияи тоҷик санаи 10 ноябри соли 2018 мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шуд. Ин навбат ба тамоми роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии кишвар дастуру супоришҳои қатъӣ дода шуданд[1].

Ҳатто аз ҷониби Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои соҳаи тафтишоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ масъалаи таъсис додани кумитаи тафтишотӣ ва бартарияту нокомиҳои он дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо ба самъи ҳозирин маълумоти дақиқ расонида шуд.

Ҳамзамон, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёртар такя ба омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳаи тафтишот намуда, дастуру супоришҳои судманд ироа намуданд.

Дар ин радиф аз ҷониби роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифта шудааст, ки то оғози соли хониши 2019-2020 дар сохтори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон факултети нав, факултети омодасозии кадрҳои соҳаи тафтишот ва экспертиза таъсис дода шавад.

Ин иқдом барои омодасозии кадрҳои баландихтисос такони ҷиддӣ мебахшад ва дар ин соҳа тағйироти назаррас ворид менамояд.

---

[1] Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Ресурси электронӣ]: URL: http://www.president.tj/node/18876 (санаи муроҷиат: 11.11.2018).

# БОБИ 2

# ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ПЕШБУРДИ ТОСУДИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нахустин бор дар асоси Указй Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 6 апрели соли 1963 ба мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ваколати бурдани тафтиши пешакӣ дода шуд. Дар асоси ҳамин ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ, санаи 6 апрел ҳамчун «Рӯзи тафтишот» дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ эътироф гардидааст. Айни ҳол сохтори Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 шуъба ва 2 гурӯҳ дар худи Вазорат ва шуъбаҳои тафтишотии РВКД дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, РВКД дар шаҳри Душанбе, ноҳия ва минтақаи Рашт, РВКД дар нақлиёт, шуъбача ва гурӯҳҳои тафтишотии ШВКД дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иборат мебошад. Имрӯз, ин сохтор ба яке аз сохторҳои фаъолтарини пешбарандаи тафтиши пешакӣ табдил ёфта, тафтиши пешакии зиёда аз 56 % парвандаҳои ҷиноятиро анҷом медиҳад. Аммо, новобаста аз дастовард ва пешравиҳо, мутаассифона имрӯз дар фаъолияти дастгоҳи тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ мушкилӣ ва проблемаҳои зиёде низ ҷой доранд.

Якчанд омилҳое ҳаст, ки сабаби роҳ додан ба камбудиҳои дар фаъолияти сохтори тафтишотӣ ҷойдошта гардидаанд. Соли 2009-ум, мувофиқ ба як қатор ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва минтақавии оид ба ҳуқуқи инсон КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуд. Дар натиҷа, таҷрибаи 45 солаи мутахассисони соҳаи тафтишотӣ дигар барои пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар самти тафтишот нокифоя шуда монд. Бояд махсусан қайд кард, ки КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нав дар баробари баланд бардоштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мушкилотҳои зиёдеро барои муфаттишон роҳандозӣ намуда, вазъи мурофиавӣ онҳоро дучанд гарон намудааст. Гарчанде тарзу усулҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун пештара ба кор раванд ҳам, аммо фаъолияти мурофиавии муфатти-

шон бинобар сабаби набудани таҷриба бо қонуни нав ба таври назаррас мушкил гашт.

Баъзе моддаҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳимияти татбиқи онҳо ҳамарӯза меафзояд ва бинобар риоя нашудани муқарраароти онҳо пешниҳодҳои прокурорӣ ва таъинотҳои хусусии судҳо нисбати муфаттишон ворид мешавад, м.145 мебошад. Ин модда барои баррасии ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят ҳамаги 3 шабонарӯз муҳлат муқаррар намудааст, ки дар аксар ҳолатҳо барои қабул намудани қарори қонунӣ мутлақо кам аст. Ин муҳлат метавонад то 10 шабонарӯз аз ҷониби прокурор дароз карда шавад. Мебинем, ки қонунгузор ба муфаттиш ваколат додааст, ки бо аризаву иттилоот дар бораи ҷиноят қарори қонунӣ қабул намояд, аммо чӣ гуна сардори воҳиди тафтишотӣ ва ё сардори мақомоти таҳқиқ ваколат надорад, ки муҳлати ариза *ё* иттилоотро дароз намояд. Манзури мо талаби ваколати зиёдатӣ намебошад, балки пешгирӣ намудани сарфи зиёдатии вақти муфаттишон ва прокуророн мебошад. Аз дигар тараф ба ин масъала назар андозем, мебинем, ки модоме, ки дар 3 шабонарӯз қарор қабул нашудааст, муҳлатро дароз намудан ҳатмист. Пас чи фарқ дорад, ки онро сардори воҳиди тафтишотӣ дароз менамояд ва ё прокурор?!

Дигар масъалаи мушкил, ин дар як вақт гирифтани ҳам розигии прокурор ва ҳам иҷозати суд барои гузаронидани як қатор амалҳои тафтишӣ ва қабули қарорҳо мебошад.

Тибқи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттишро мебояд барои татбиқи чораҳои пешгирӣ – гарав, ҳабси хонагӣ, ба ҳабс гирифтан, муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс, дароз кардан, тағйир ва бекор кардани онҳо, инчунин барои татбиқи чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ – муваққатан дур кардан аз вазифа ва ҳабси молу мулк, аз ҷумла маблағи амонатҳо ва суратҳисобҳои бонкӣ ва барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ – кофтуков, ёфта гирифтан, азназаргузаронии манзил дар ҳолати рози набудани шахсони маскун, ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, барои таъйин намудани экспертизаи судӣ-равонпизишкӣ (бо ҷойгир намудан дар статсионар) гирифтани ҳам розигии прокурор ва ҳам иҷозати судро муқаррар кардааст, ки ин

дар воқеъ натанҳо вақти зиёди корӣ ва саргардониро зимни гирифтани “розигӣ” ва “иҷозат” пеш меорад, инчунин маблағ ва хароҷоти иловагиро низ талаб мекунад. Зеро барои ҳамаи ин амалҳо муфаттишро мебояд, дар ду нусха ҳамаи маводи асосноккуниро нусхабардорӣ намуда, ҳам ба мақомоти прокуратура ва ҳам ба суд пешниҳод кунад. Ҳамчунин, агар расман ҳозирнамоии иштирокчиёни мурофиа зимни татбиқи чораи пешгирӣ дар суд тибқи м.111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи муфаттишон вогузор нашуда бошад, вале дар таҷриба ин бар души муфаттишон бор карда шудааст. Мутобиқи қисми 3-юми ин модда, иштироки муфаттиш зимни баррасии судӣ ҳуқуқи он мебошад, на уҳдадориаш. Дар таҷриба бошад, масъули тамоми ин чорабинӣ бар души муфаттишон вогузор шудааст. Агар таваҷҷуҳ карда бошед, ки ҳамон як қарори муфаттиш дар ҳамаи зинаҳои пешбурди мурофиавӣ, то қарору таъинот ва ҳукми суд истифода бурда мешавад, аммо ҳамоно мавқеи муфаттишон нодида гирифта мешавад[1].

Чунин тартиб қаблан дар як қатор давлатҳои пасошуравӣ амал менамояд, зеро ба ҳар ҳол дар мурофиаи судӣ ҳангоми татбиқи чораи пешгирӣ прокурор иштирок менамояд ва дар ҳолати норозӣ буданаш аз қарори суд метавонад нисбати қарори судя эътироз орад. Пас, саволе ба миён меояд, ки байни ин ду мақомот қарор доштан ва вақти зиёдеро сарфа намудани муфаттиш ба хотири чӣ аст? Ба ҳамагон маълум аст, ки танҳо барои гирифтани розигии прокурор дар баъзе ноҳияҳо ба муфаттиш аз 2 то 6 соат лозим аст. Агар фарзан муфаттиш дар як ҳафта 2-3 нафарро дастгир кунад, ҳисоб кунед, ки чанд соат вақти худ ва прокурорро барои гирифтани розигии прокурор мегирад.

Тибқи муқаррароти аксар КМҶ давлатҳои пасошуравӣ ваколати дароз кардани муҳлати баррасии ариза, бекор кардани қарори ғайриқонунӣ ва беасоси муфаттиш ва ё мақоми поёнӣ дароз кардани мухлати тафтишоти пешакӣ, тасдиқ намудани қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, додани **розигӣ** дар бораи пешниҳод намудани дархост ба суд оид ба интихоб, дароз, бекор ва ё тағйир додани

[1] Маълумоти пурратар оид ба ин мавзӯъ дар боби 6 оварда шудааст.

чораҳои пешгирӣ ё ин ки **додани розигӣ** барои гузаронидани дигар амалҳои мурофиавие, ки бевосита бо қарори суд иҷозат дода мешаванд, **ба ваколати роҳбари воҳиди тафтишотӣ** дода шудааст.

Ба роҳбари воҳиди тафтишотӣ **додани чунин ваколат** якчанд ҷабҳаҳои мусбиро доро мебошад. Аз ҷумла, мустақилияти мурофиавии муфаттишонро таъмин карда, саргардонӣ ва сарфа гардидани вақти кории муфаттиш ва прокуроронро пешгирӣ мекунад. Аз дигар ҷиҳат бюрократизм ва ё худ расмиятчигии аз ҳад зиёдро аз байн бурда, хароҷотҳои бе фоидаро кам намуда, тартиби мураккаби гузаронидани амалҳои мурофиавиро аз байн бурда, як тарзи содакардашударо ба вуҷуд меоварад, ки ин бешубҳа ба манфиати кор мебошад. Ҳамчунин, ин ҳолат боис ба он мегардад, ки вақти кории муфаттиш сарфа шуда, парвандаҳои ҷиноятиро бе вайронкунии мӯҳлатҳои мурофиавӣ ба итмом расонанд ва дар умум тафтиши пурра, холисона ва ҳаматарафа бо парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон риоя гардад.

Ё худ м.146 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши якҷоя «Оид ба қайди ягонаи ҷиноятҳо» муфаттишро танҳо вазифадор ба он намудааст, ки нусхаи қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва варақаи омории шакли 1-ро дарҳол ба прокурор ирсол намояд. Аммо, дар амалия чунин набуда, натанҳо як қарори оғоз, балки ҳамаи мавод ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто ҳозиршавии гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидонро низ барои бозпурсӣ бояд муфаттиш шахсан ба назди прокурор таъмин намуда, соатҳо дар назди дари прокурор мунтазирӣ кашида, вақти пурқиммати худро сарф намояд. Мутаассифона чунин ҳолатҳо зиёд буда, ба як одат ва ё худ қоидаи нонавишта табдил ёфтаанд.

Якчанд вақт инҷониб Раёсати тафтишотӣ ва шуъбаҳои дар ҷойҳо воқеъбудаи он аз воҳидҳои зертобеи худ парвандаҳои ҷиноятиро бе розигиии прокуророни шаҳру ноҳияҳо барои омӯзиш ва ё анҷом додани тафтиши пешакӣ гирифта наметавонанд. Ҳол он ки, доир ба омӯзиши онҳо ва ё ба пешбурди худ қабул намудани тафтиши минбаъдаи парвандаҳои ҷиноятӣ, КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон маҳдудиятро муқаррар накардааст.

Ин ҳолат боиси роҳ додан ба кашолкорӣ зимни баррасии арзу шикояти шаҳрвандон ва иҷрои дастуру супоришҳои Прокуратураи генералӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин паст гардидани самаранокии фаъолияти Раёсати тафтишотӣ гашта истодааст. Ҳолатҳое, ки зарурияти ба омӯзиш гирифтан ва ё ба пешбурди худ қабул намудани тафтиши парвандаҳои ҷиноятиро талаб менамоянд, аз инҳо иборат мебошад:

- ворид шудани арзу шикояти шаҳрвандоне, ки аз рафти тафтиши пешакӣ дар ҷойҳо розӣ нестанд;
- дар ҷойҳо мавҷуд будани парвандаҳои ҷиноятии тафтишашон мураккаб ва калонҳаҷм, ки тафтиши онҳо касбияти нисбатан баланд ва собиқаи зиёди корӣ доштани муфаттишро талаб мекунад;
- дар ҳудуди якчанд шаҳру ноҳия содир шудани ҷиноят ва ғайра.

Зарурияти дигари чунин самти корӣ, ин ба танзим даровардани сарбории муфаттишон дар ҷойҳо мебошад. Масалан, дар давраи ҳисоботии моҳи марти соли 2018 дар пешбурди муфаттишони ШТ ШВКД дар шаҳри Ҳисор 80-адад парвандаҳои ҷиноятӣ қарор доштанд, ки ин ба ҳар як муфаттиш 16-ададӣ парвандаи ҷиноятӣ рост меояд. Ғайр аз ин, муфаттишон дар баррасии дигар ариза ва маводи санҷишӣ ҷалб карда шуда, ҳамзамон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар вазифаҳои хизматӣ мунтазам сафарбар карда мешаванд.

Дуруст аст, ки тибқи қ. 3 м.162 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон «масъалаи тобеияти тафтишӣ аз тарафи прокурори маҳалле, ки дар он ҷо тафтиш шурӯъ шудааст, ҳал карда мешавад». Аммо, моддаи мазкур ҳолатҳоеро, ки аз тарафи як ва ё якчанд шахс дар ҳудудҳои маъмурии ду ва ё зиёда шаҳру ноҳияҳо ҷиноят содир шуда бошад, ва ё бинобар сабаби тобиши ҷамъиятӣ-сиёсӣ доштани ҷиноят дар сатҳҳои баландтар тафтиш шудани онро тақозо кунад, ба танзим надаровардааст.

Раёсати тафтишотӣ – Раёсати Вазорат буда, мувazzаф аст, ки салоҳияти пешбурди амалҳои мурофиавиро дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ доро бошад. Чуноне, ки маълум аст дар ҳудуди ҷумҳурӣ шумораи зиёди шаҳру ноҳияҳо, аз

ҷумла, шаҳру ноҳияҳои дурдаст мавҷуд аст, ки барои бо прокурор онҳо ҳал намудани ҳар як масъалаи ба миёномада вақту маблағи зиёд сарф шуда, боиси вайрон шудани муҳлатҳои баррасии арзу шикояти шаҳрвандон, дастуру супоришоти Прокуратураи генералӣ, вайрон шудани низоми зинавии ташкили кор ва дигар оқибатҳои ба нафъи кор равона набуда мегарданд.

Дар асоси м. 247 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор масъалаҳои аз ҳама муҳими тафтишоти пешакӣ – парвандаи ҷиноятиро баррасӣ карда, дақиқ риоя шудани қонунро месанҷад. Аз ҷумла, масъалаи дар кирдори шахс ҷой доштани таркиби ҷиноят, ҳолатҳои қатъшавии парванда, асоснокии айби эълон гардида, мавҷудияти далелҳои кофӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудани ҳамаи шарикони ҷиноят, дурустии бандубасти кирдор, интихоби чораи пешгирӣ, вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, таъмин гардидани тафтиши пурра, ҳаматарафа, холисона ва дигар ҳолатҳои заруриро бо парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ ва ҳал менамояд. Дигар чӣ зарурат аст, ки аз ибтидо то интиҳо, яъне аз оғоз то итмоми парвандаи ҷиноятӣ барои амалҳои тафтишӣ ва қабули дигар қарорҳо ва ё гирифтани «иҷозати» суд ба назди прокурор рафт. Дар ин ҷо такроршавии иҷрои амалҳо – дида мешаванд. Қонун ба муфаттиш мақоми шахси мансабдорро дода, ӯро мустақил ва шахси соҳибихтиёр муаррифӣ кардааст ва барои қабул кардани қарори беасос ва ғайриқонуниаш шахсан худи муфаттиш ҷавобгар мебошад.

Имрӯз муфаттиш дар зери тобеияти сардорони зиёде *(сардори ШВКД, се нафар муовинонаш, сардори тафтишот, сардори мақомоти амаликунадаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, прокурор, муовин ва прокурори назоратчӣ ва ғайра)* қарор гирифтааст, ки бархе аз онҳо умуман ҳуқуқи дахолат намудан ба фаъолияти мурофиавии муфаттишонро надоранд, баръакс тибқи м.39 ва 26 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои қарорҳои қабулкардаи муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятие, ки таҳти пешбурди ӯ қарор дорад барои онҳо ҳатмӣ мебошад. Қонун ба муфаттиш ваколати амрдиҳиро дода, ба сардори ШВКД, ки амалан муфаттиш дар зери тобеияташ аст, ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ дастуру

супоришҳои хаттӣ медиҳад ва дар баъзе дигар ҳолатҳо бошад, баракс сардори ШВКД ба муфаттиш супориш медиҳад ва ё маводро барои қабул кардани қарори қонунӣ ба ӯ вогузор менамояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бисёр мавридҳо гумонбаршудагон, айбдоршавандагон аз кирдорҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти таҳқиқ шикоят мекунанд, ки ин ба манфиати сардори воҳиди оперативӣ нест. Дар чунин ҳолатҳо чигуна муфаттиш метавонад ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ҳифз карда, тафтиши объективонаро анҷом диҳад. Шояд гуфта шавад, ки бигузор дар чунин ҳолатҳо ба сардорони воҳидҳои болоии тафтишотӣ муроҷиат кунад. Агар сардори воҳиди тафтишотӣ оддитарин ваколат, масалан, чуноне ки вақтҳои охир таҷриба шудааст аз бахшҳои зертобеъи худ парвандаи ҷиноятиро мустақил барои идомаи тафтиш гирифта натавонад, пас чигуна муфаттиш ба чунин сардор эътимод карда метавонад.

Ҳамчунин, аз ҷониби сардорони мақомоти таҳқиқ ҷиҳати мусбӣ нишон додани натиҷаҳои кории ШВКД ба сардорони воҳидҳои тафтишотӣ берун аз ваколаташон супориш медиҳанд ва ҳатто масъалаи ҳал ва ба СМИТ пешниҳод шудани варақаҳои омориро, ки иҷрои бевоситаи он ба зиммаи корманди баҳисобгирӣ – бақайдгирӣ ва дигар шахсони масъули ШВКД вобаста шудааст, ба души сардорони воҳидҳои тафтишотӣ бор кардаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол аз сол сарбории кории муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ зиёд гардида, воҳидҳои корӣ бошад, баръакс ихтисор карда шуда истодааст. Масалан, тибқи фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №374 б/з аз 30 апрели соли 2010 “Оид ба ворид намудани тағйиротҳои ташкилию воҳидӣ 22 воҳиди корӣ ихтисор карда шуд ё ин ки соли 2014 танҳо дар Раёсати тафтишотӣ 2 воҳиди корӣ **ихтисор гардид)** Чунончӣ, агар инро танҳо дар муқоиса бо парвандаҳои ҷиноятии ба суд ирсолгардидаи 7-соли пеш гирем, (соли 2011-**4 848** п/ҷ, соли 2017-**6 542** п/ҷ) яъне **1 694** адад парвандаҳои ҷиноятӣ зиёд шудааст. Аз ҳисоби миқдори лаҳзаҳои ҷиноят **3 070** лаҳзаи ҷиноят зиёд мебошад. Яъне ба ҷойи зиёд кардани воҳиди корӣ, баракс воҳидҳои корӣ ихтисор карда шуда истодаанд.

Мусаллам аст, ки яке аз сабабҳои асосии зиёдшавии содиршавии ҷиноятҳо ин афзоиши аҳолӣ мебошад. Шумораи аҳолии Тоҷикистон аз соли нахустини соҳибистиқлол гардиданаш (1991) то ба имрӯз аз 5 ба 9 миллион расидааст. Аз ин сабаб бояд воҳидҳои тафтишотӣ зиёд карда шаванд *(Ҷумҳурии Қирғизистон бо 6 миллион аҳолӣ, ки сарбории кориашон низ кам мебошад, ба дастгоҳи тафтишотии МКД-аш номи "Сарраёсати тафтишотӣ ва ҳоло Хадамоти тафтишотӣ)-ро дода, воҳиди кориаш бошад ба 700 нафар расидааст. Аммо, Ҷумҳурии Тоҷикистон 9,2 миллион нафар аҳолиро доро мебошад, сохтори тафтишотии ВКД ҳамагӣ аз 446 нафар муфаттишон иборат мебошанд).*

Имрӯз аз ҷониби сардорони мақомоти таҳқиқ низ муфаттишон аз меъёр зиёд ба корҳои ғайритафтишотӣ ҷалб гардида, ҳуқуқҳои онҳо нодида гирифта мешавад. Муфаттишон на танҳо дар баробар дигар сохторҳо, балки дар баъзе ҳолатҳо аз дигар сохторҳо низ бештар ба корҳои ғайритафтишотӣ ҷалб гардида истодаанд. Дар ҳоле, ки сарбории кории кормандони дигар сохторҳо ба андозаи сарбории кории муфаттишон нест, дар пешбурдашон 10-15 ададӣ парвандаи ҷиноятӣ ва ё маводу аризаҳо надоранд, ва ё шахсони дастгиршуда ва ё ҳабсшударо дар тавқифгоҳҳо ҷойгир накардаанд, ки муҳлатҳои пешбинишуда гузарад. Мутаассифона, муфаттишон на кам аз кормандони Раёсати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар вақти шабона ба хизмат ҷалб карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҷалбкунӣ бояд ба як андоза, меъёр ва бо дарназардошти сарбории кории кормандон бояд ба роҳ монда шавад.

Бо мурур ва тақозои давру замон аксари давлатҳои пасошӯравӣ бо мақсади такмил додани фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва пешрафт дар ин самт ислоҳот ворид карда, шароит ва тарзи кории сохторҳои марбутаро навсозӣ кардаанд. Ҳатто баъзе давлатҳо азнавташкилдиҳии мақомоти тафтишотиро низ ба роҳ мондаанд. Ба дастгоҳҳои тафтишотӣ мақоми Кумитаи тафтишотӣ, Департамент, сарраёсат ва хадамоти тафтишотиро додаанд *(Федератсияи Русия, Казоқистон, Узбекистон, Озарбойҷон – Департаменти тафтишотӣ; Белорусия, Армения – Кумитаи тафтишотӣ; Киргизистон – Хадамоти тафтишотӣ; Озарбойҷон – сарраё-*

*сат номгузорӣ карда шудааст).* Мо даъвои ваколати зиёдатӣ, созмон додани Кумитаи тафтишотӣ, Хадамоти тафтишотӣ ва ё Сарраёсатро надорем, балки, танҳо мехоҳем он чи ки қонунгузории ҷорӣ ба мо ваколат додааст, барои иҷрои сифатноки онҳо аз ҷиҳати мурофиавӣ шароити воқеӣ дошта бошем, тавонем ваколати худамонро озодона амалӣ намоем.

Масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо низ яке аз масъалаҳои ҳалталаб мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз бинобар сабаби мушкилӣ ва проблемаҳои ҷойдошта, баъди се-чор соли корӣ муфаттишон ба вазниниҳои фаъолият тоб наоварда, ба дигар вазифаҳо мегузаранд ва ё корро партофта мераванд. Барои мутахассиси хуб омода намудан якчанд сол лозим мебошад. Танҳо дар як соли охир зиёда аз 9 нафар муфаттишон бо собиқаи кории аз 5 то 17 сол дошта, барои кор ба дигар сохторҳо гузаштаанд. Ҳамин тавр, аксари кормандонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки барои омода кардани онҳо солҳои тӯлонӣ зарур аст. Муфаттишон ба корҳои мурофиавӣ машғул шуда, вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор қабул мекунанд, ба онҳо зарурат пеш меояд, ки расман бо ҳуқуқшиносони варзида (ҳимоятгарон), олимон ва дигар шахсон аз қишрҳои гуногуни ҷамъият рӯ ба рӯ нишаста аз қонун ҳимоят кунанд. Аз ин рӯ, ба вазифаи муфаттиш таъйиншавандагон бояд дониши нисбатан баландро доро бошад. Дар рафти иҷрои корҳои мурофиавӣ кӯшишҳои дахолат намудан ба фаъолияти онҳо зиёдтар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки ба вазифа таъйин ва озод намудани муфаттишон бевосита бо пешниҳоди сардори Раёсати тафтишотӣ танҳо бо фармони Вазири корҳои дохилӣ анҷом дода шавад. Ба таҷрибаи аз ҷониби сардорони РВКД ва ШВКД-ҳо барои вайрон намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҷазои интизомӣ додани муфаттишон хотима дода шуда, ин ваколат танҳо ба Вазири корҳои дохилӣ ва сардори Раёсати тафтишотӣ дода шавад.

Ҳолати дигаре, ки боиси ба таври назаррас монеъ шудан ба фаъолияти мӯътадили муфаттишон дар ҳудуди шаҳри Душанбе гардидааст, ин аз изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ барои анҷом додани амалҳои тафтишӣ баровардa натавонистани айбдоршавандагон мебошад. Дар ин самт

талаботи Прокуратураи генералӣ чунин аст, ки танҳо дар асоси қарори аз ҷониби прокурор тасдиққардашуда, айбдоршавандагон бояд аз изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ба изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ ва сипас аз он ҷо барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба муфаттиш супорида шаванд. Дар бобати ин масъала ҳаминро қайд карданием, ки тибқи м.13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ба изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ гузаронидани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда танҳо дар он ҳолат иҷозат дода шудааст, ки агар ҳамарӯза овардани шахсони номбаршуда барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ берун аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ душвориро ба миён оварад (ба муҳлати на зиёда аз даҳ рӯз).

Аммо, ба андешаи мо дар ҳолати пайдо шудани зарурат барои гузаронидани як ва ё ду амали тафтишӣ (масалан, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса), ки 2 ва ё 3 соатро дар бар мегирад, зарурати ба изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ гузаронидани айбдоршавандагон ҷой надорад. Зиёда аз ин, вобаста ба шароити кунунии кишвар аз як изолятор (тавқифгоҳ) ба дигар изолятор (тавқифгоҳ) гузаронидани айбдоршавандагон ба манфиати кор намебошад. Зеро, имрӯз вобаста ба шумораи зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ шароити қабулу нигоҳдории ҳамаи гумонбаршуда ва айбдоршвандагоне, ки бо иштироки онҳо зарурати гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба миён меояд, мавҷуд нест.

Дар ҳудуди шаҳри Душанбе танҳо як изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ, ки барои нигоҳдории 87 нафар пешбинӣ шудааст, фаъолият мекунад. Ҳайати шахсии кормандони изолятор (тавқифгоҳ) ҳамагӣ 20 нафар буда, мувофиқи реҷаи 50%, яъне дар як рӯз ҳамагӣ 10 нафар хизмат мебаранд. Дар изолятор (тавқифгоҳ) аз 87 нафар зиёдтар гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандагони мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура, суд ва мақомоти таҳқиқ бо парвандаҳои ҷиноятию маъмурӣ нигоҳ дошта мешаванд. Агар бар замми ин, гумонбаршуда ва айбдорша-

вандагон аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҳамарӯза ба изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ оварда шаванд, барои қабул ва нигоҳ доштани онҳо мушкилиҳои зиёде ба миён омада, боиси сарфа шудани вақти зиёди муфаттишону прокуророн ва сарфи маблағҳои зиёд мегардад.

Ба ҳама мушкилиҳои мавҷуда нигоҳ накарда, боварӣ дорем, ки таҳқиқбарандагон ва муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ ҳама мушкилиҳоро паси сар намуда, аз иҷрои вазифаю уҳдадориҳои худ бо сарбаландӣ мебароянд.

# БОБИ 3

# НОҚИСИҲОИ МАВОДИ АВВАЛИЯИ МАҚОМОТИ ТАҲҚИҚ

Дар амалияи тафтишотӣ ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба пешниҳод намудани мавод аз ҷониби мақомоти таҳқиқ мушкилоти зиёде ба вуҷуд меояд. Ин мушкилот дар нодуруст, нопурра ва ғайрикасбӣ таҳия намудани маводи санҷишӣ ё худ аввалия, ки барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос мегарданд, зуҳур мекунад. Ин гуна камбудиҳо аз ҷониби кормандон, ки савияи дониши тахассусӣ, маҳорат ва малакаи касбинадошта сар мезанад, ки аз ҳисоби умумии маводи пешниҳодшуда фоизи хеле баландро ташкил медиҳад ва ин ташвишовар мебошад. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки сабабу шароитҳои асосии ба ин ҳолат оварда саводи пасти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар тадқиқоти мазкур мехоҳем оид ба номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки дар мавод бояд ҷамъ оварда шаванд, тарзи дуруст ва пурра пешниҳод намудани маводи аввалия, реквизитҳое, ки ҳангоми таҳия намудани ҳар як ҳуҷҷати зарурӣ бояд ба назар гирифта шаванд, салоҳияти ҳар як корманд дар доираи маводи пешниҳодгашта, камбудиҳое, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди маводи аввалия ҷой доранд ва роҳҳои бартараф намудани онҳо ақидаи назар кунем.

Бештари маводеро, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба тафтишот пешниҳод мегарданд, аз як ё ду баёнот ва гузориши корманд иборат мебошанду халос. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои зерқонуние, ки тартиби ҷамъоварии маводро муайян мекунанд, дар маводи аввалия мавҷуд будани ин ҳуҷҷату далелҳо ҳатмӣ мебошанд:

- гузориши корманде, ки ҷиноятро ошкор намудааст;
- аризаи ҷабрдида (вобаста ба ҷиноятҳое, ки бе аризаи ҷабрдида оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мумкин нест);
- протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;
- баёноти ҷабрдида, гумонбаршуда, шоҳидон, шахсони холис ва дигар шахсоне, ки ба ҷиноят алоқамандӣ доранд;
- санаде, ки ҷой доштани ягон ҳолати заруриро дар мавод тасдиқ мекунад, ё дар бораи миқдор, ҳаҷм, андоза,

масоҳат, нишона, аломат, шакл, навъ, тартиб ва сифатҳои хусусиятноки объект, предмет ва олоти ҷиноят маълумот медиҳад;

- предмет ё олоти ҷиноят, ки ба таври дуруст бастабандӣ карда шудаанд;

- ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти ҷабрдида ва гумонбаршуда;

- ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи тааллуқияти ашё ё молу мулк ба ҷабрдида, гумонбаршуда ва ё шахсе, ки ба содиршавии ҷиноят алоқамандӣ дорад;

- маълумотномаҳои экспертҳо (дар ҳолатҳои зарурӣ);

- натиҷаҳои санҷишҳои молиявӣ (ревизия ва инвентаризатсия).

Пеш аз он ки ба таҳлили ҳар як ҳуҷҷату далел гузарем, бояд қайд кунем, ки дар сурати пурра будани мавод бояд расмиёти техникӣ ва мурофиавӣ ҳатман риоя карда шавад. Ариза ва дар сурати набудани он гузориш ҳатман бояд ба қайд гирифта шуда, муҳр гузошта шуда, ин ҳуҷҷатҳои номбурда аз ҷониби сардор ҳатман ба иҷрокунанда бо дастхат вогузор карда шавад. Бе дастхати сардор ва қайди дахлдор аз ҷониби иҷрокунанда (таҳқиқбаранда ва муфаттиш) ягон амалу ҳаракат гузаронидан номумкин мебошад. Аммо ҳолатҳое вомехуранд, ки мавод аз ҷониби муфаттиш бо кормандони таҳқиқу оперативӣ омода ва таҳия карда мешавад, ки нисфи шаб фаро мерасад, вале бо сабаби набудани сардор ва ё шахси онро ивазкунанда муфаттиш ё таҳқиқбаранда бе дастхати сардор бо мавод санҷиш гузаронида, ба таври фаврӣ қарор қабул мекунад, ки чунин амал хато мебошад. Сардор ё шахси ивазкунанда дар ин ҳолатҳо бояд дар вақти корӣ қарор дошта, ба чунин камбудиҳо роҳ надиҳад.

Акнун мегузарем ба таҳлили ҳар як ҳуҷҷату далели дар боло қайдшуда ва реквизитҳое, ки ҳангоми тартиб додани онҳо бояд қайд карда шаванд: гузориши корманде, ки ҷиноятро ошкор намудааст дар парвандаҳои ҷиноятие, ки бе аризаи ҷабрдида низ оғоз карда мешаванд ва дар маводе, ки ҷабрдида надоранд, ҳатмӣ мебошад ва дар ин ҳолат ягона ҳуҷҷат мебошад, ки он ба қайд гирифта шуда, дар асоси он парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад (сархати 5 м.140

КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар маводе, ки бо аризаи ҷабрдида оғоз мешаванд ва ё аризаи ҷабрдида дар мавод мавҷуд мебошад, гузориши корманд ба қайд гирифта нашуда, он танҳо ҳамчун санади мурофиавие қабул карда мешавад, ки дар оянда масъулияти ин кормандро дар дуруст ва ё нодуруст таҳия намудани мавод муайян мекунад. Корманд бо пешниҳоди гузориши худ дар баробари маводи таҳияшуда дар назди қонун дар баробари муфаттиш оид ба қонунӣ ва асоснок оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ масъул мебошад. Ҳарчанд, ки дар амалия ин нуқта аз ҷониби мақомоти назоратӣ – прокурор ва судӣ – судя тамоман ба инобат гирифта намешавад. Бисёр ҳолатҳое мешаванд, корманди мақомоти таҳқиқ ва ё оперативӣ барои нишондоди корӣ маълумоти дар ариза, баёнот ва дигар ҳуҷҷатҳо мавҷударо қасдан таҳриф мекунад, ё аризаву баёноти нодуруст мегирад. Дар баёнот он нишондоду маълумотеро меоранд, ки тамоман хилофи иродаву хоҳиши баёнотдиҳанда мебошанд. Мутобиқи қонун ҷабрдида ё шахсе, ки танҳо як аризаи бардурӯғ пешниҳод мекунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад (м. 346 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), вале корманде, ки бо ҷамъоварии чандин ҳуҷҷати бардурӯғ ва таҳрифкунанда мавод таҳия намуда, тафтишотро ба гумроҳӣ бурда, сабаби ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мегардад, аз ҷавобгарӣ (ҳатто интизомӣ) дар канор мемонад. Ҳама борони санги маломат ба болои муфаттиш мерезад. Дар ин гуна вазъият муфаттиш метавонад ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда, то аз мақомот озод карда шавад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки гузориши кормандон доир ба муайян ва ошкор намудани ҷиноят ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест. Дар гузориш маълумоти ба кор аҳамиятнадошта оварда шуда, ҳолати кор ва доираи маълумоти зарурӣ оварда намешавад. Дар гузориш бояд ба таври пурра насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол, маҳалли таваллуд, истиқомат ва ҷойи кори гумонбаршуда (агар дар мавод маълум бошад) ва ҷабрдида, ҳолати пурраи кор бо аломатҳои бандубасткунандаи (диспозитсия) моддаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шавад. Дар он бояд ҳатман предмет, олоти ҷиноят бо дарҷи маълумот оид ба миқдор,

ҳаҷм, андоза, шакл, навъ, нишона, аломат ва сифатҳои хусусиятноки объект нишон дода шавад. Яъне бо хондани гузориш бояд дар пеши назари мо манзараи ҷиноят бо тамоми ҷузъиёташ ҷилва намояд.

Дар парвандаҳои ҷиноятие, ки бо аризаи ҷабрдида оғоз мегардад, мавҷудияти ариза бояд ҳатмӣ бошад ва он аз ҷониби ҷабрдида ва ё намояндаи қонунӣ пешниҳод карда мешавад. Дар дигар ҳолатҳо ариза аз ҷониби чабрдида ё дигар шахси манфиатдор ба шакли хаттӣ ё шифоҳӣ манзур мешавад. Аризаи шифоҳӣ аз ҷониби корманди онро қабулкунанда ба шакли тартиб додани «Протоколи қабул намудани арзи шифоҳӣ» таҳия карда мешавад. Дар протоколи мазкур чунин маълумот бояд вуҷуд дошта бошад:

- номи протокол, таърихи рӯз ва макони тартиб додани он;

- вазифа, рутба ва ному насаби корманде, ки арзи даҳониро қабул кардааст;

- насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол, маҳалли таваллуд, истиқомат, миллат, таҳсилот, оиладорӣ ва ҷойи кори аризадиҳанда;

- тасвири кӯтоҳи ҳолати кор;

- дар қисми хотимавии протоколи мазкур шароит, ҳолат ва дар кадом вазъият қабул кардани аризаи шифоҳӣ ва ҷой доштани арзу шикояти иловагӣ оварда шуда, дар зери он имзо ва насаби аризадиҳанда ва аризақабулкунада гузошта мешавад.

Дар аризаи хаттӣ бояд чунин маълумоти ҳатмӣ ҷой дошта бошад:

- вазифа, рутба, ном ва насаби сардори мақомот, хадамот ва воҳиде, ки ариза пешниҳод карда мешавад;

- насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол, маҳали таваллуд, истиқомат, миллат, таҳсилот, оиладорӣ, ҷойи кори ҷабрдида ва рақами телефон;

- тасвири кӯтоҳи ҳолати кор бо дарҷи талаб ё хохиши дидани чораи қонунӣ нисбати ҳолати рухдода ва гунаҳкор;

-дар зери ин маълумот овардани насаб ва имзои ҷабрдида;

- насаб ва имзои корманде, ки аризаро қабул намудааст ва таърихи рӯз.

Бояд дар назар дошт, ки ҳам дар протоколи қабул намудани арзи шифоҳӣ ва ҳам дар аризаи хаттӣ пас аз маълумот оид ба шахсияти ҷабрдида ва ё пас аз матни пурраи ариза, ҷабрдида оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурати пешниҳоди аризаи бардурӯғ ҳатман огоҳонида мешавад. Дар зери ҳамаи ин маълумот бояд таърихи рӯз гузошта шавад.

Матни ариза бояд кӯтоҳ ва мушаххас бошад. Хоҳиш, арз ва ё талаби арзкунанда дар он оварда мешавад. Дар он тамоми ҷузъиёти ҳолати корро дарҷ намудан ҳатмӣ нест. Дар амалия аризаҳое вомехӯранд, ки дар 20 то 25 варақи чопӣ омода шудаанд, ки ин нодуруст мебошад. Он ариза набуда, балки баёнот мебошад. Ҳангоми гирифтани ариза инчунин аз ҷониби аризагиранда бояд талаботи қонун вобаста ба ҳолатҳои кор, ҳаҷм, андоза ва намуди зарари расонидашуда, кирдор ҷиноятӣ ва ё ғайриҷиноятӣ буданаш моҳиятан фаҳмонида дода мешавад.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ягона амали тафтишие мебошад, ки тибқи муқаррароти қ. 2 м.182 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон онро дар мавридҳои таъхирнопазир то оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом додан мумкин аст.

Вобаста ба ин нуқтаи қайдшуда дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки танҳо ҳангоми тартиб додани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса моддаи дахлдори КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шуда, дар дигар ҳуҷҷат ва далелҳои маводи аввалия дастрас намудани меъёри қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ қатъиян мумкин нест. Зеро меъёрҳое, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешбинӣ карда шудаанд, ба амалҳое дахл доранд, ки пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Аз ин рӯ тартиб додани баъзе санадҳои мурофиавӣ аз ҷумла, протоколи гирифтани далелҳои шайъӣ (?!!) ва монанди ин бо дастрасии моддаҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ мебошад. Дар амалия аз сабаби холигии қонун кирдорҳои нодуруст ва хилофи меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби кормандони таҳқиқ, оперативӣ ва тафтиши пешакӣ содир карда мешаванд. Зарур аст, ки ба моддаҳои дахлдори КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид намуда, дар мавридҳои истисноӣ имконпазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гириф-

танро пеш аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин намуд.

Дар масъалаи он, ки дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса чиҳо нишон дода шавад, ин мавзӯи хеле васеъ мебошад, вале ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои ба шакл даровардани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса корманд бояд эҷодкор, соҳиби тахаюли баланд, донандаи илми забоншиносӣ, криминалистика ва хуллас нависандае бошад, ки он чиро мебинад, айнан, дуруст тасвир ва ба рӯйи коғаз оварда тавонад. Дар акси ҳол ин амали тафтишӣ бемаҳсул мемонад. Дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса махсусан ба ҳамон объектҳое диққат додан зарур аст, ки дар онҳо из ва пайи ҷиноят боқӣ мондааст ва ё боқӣ монданаш имконпазир буд.

Яке аз санадҳои асосие, ки барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос мегарданд, ин баёнот мебошад. Ба таъбире он «далели гӯё» мебошад. Дар амалия чунин намуди баёнотҳо гирифта мешаванд, ки ба унвонии сардори мақомот, хадамот ва воҳиде, ки ариза ё хабар дар бораи ҷиноят ба он ворид гардидааст, навишта мешавад. Ба назари ҷониби мо ин нодуруст мебошад. Зеро вақте баёнот ба номи шахси муайяне (дар назар аст сардорон) гирифта мешавад, он низ бояд барои чораҷӯӣ ба шахси иҷрокунанда бо дастхат вобаста карда шавад. Лекин дар амалия ин ҳолат тамоман во намехӯрад. Бинобар он зарур аст, ки баёнот на ба шакли ариза, ба шакли равон ва пайдарҳамӣ бе сарлавҳа тартиб дода шавад. Дар он бояд чунин реквизитҳо ҷой дода шаванд:

- вазифа, рутба, ном ва насаби корманде, ки баёнотро мегирад;

- насаб, ном ва номи падар, рӯз, моҳ, сол, маҳалли таваллуд, истиқомат, миллат, таҳсилот, оиладорӣ ва ҷойи кор, доғи судӣ доштан ё надоштани баёнотдиҳанда, рақами телефон;

- пеш аз нақли ҳолати кор дар бораи бо кадом забон додани баёнот ишора карда мешавад;

- тасвири батафсили ҳолатҳои кор бо риояи қоидаҳои тактикаи пурсиш бо тамоми ҷузъиёте, ки барои муайян ва ошкор кардани ҷиноят заруранд. Бояд дар хотир дошт, ки дар баёнот нақли он маълумоте, ки ба ҳолати кор алоқаманд

нестанд, дарҷ карда намешаванд. Дар ин ҳолат аз ҷониби баёнотгиранда ба баёнотдиҳанда фаҳмонида мешавад, ки аз нақлҳои зиёдатӣ ва нодаркор худдорӣ намояд. Дар таҷриба ҳамин қоида риоя карда намешавад: аз шахс баёнот 6-7 варақ гирифта мешавад, вале дар баёнот ягон маълумоти зарурӣ ва ё асосе пайдо карда намешавад, ки барои ҳал намудани ариза ё мавод зарур бошад;

- дар сурати нопурра ва носаҳеҳ будани маълумоти аз ҷониби баёнотдиҳанда пешниҳодшуда гузоштани саволҳои мушаххас барои равшан кардани ҳолатҳои ба кор аҳамиятдошта. Тибқи талаботи қ. 4 м.199 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти гирифтани баёнот саволҳои раҳнамункунанда гузоштан мумкин нест. Ин намуд савол гузошта шавад, аз ҷониби муфаттиш ҳам савол ва ҳам ҷавоби он, ки ҳатто барои кор чӣ қадар аҳамият дошта бошад ҳам, ба инобат гирифта намешавад ва қувваи далелӣ надорад;

- дар вақти ба охир расонидани баёнот аз баёнотдиҳанда пурсида мешавад, ки ягон иловаю тағйиротҳо вобаста ба баёноти додашуда дорад ё не. Дар сурати доштан ва ё надоштани илову тағйиротҳо дар охири баёнот ишора карда мешавад.

Агар матни асосии баёнот ва ҷавобҳои ба саволҳои гузошта ва ишораи иловаву тағйирот дар баёнот бо дасти худи баёнотгиранда навишта шавад, хеле хуб ва мувофиқи мақсад аст. Дар сурати надоштани саводи хондану навиштан ва надоштани хоҳиши навиштан аз ҷониби баёнотгиранда навишта ва ё чоп карда мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми надоштани саводи хондану навиштан, кар, гунг, нобино ва ё ноболиғи то синни 16 сола иштироки намояндаи қонунӣ, омӯзгор, равоншинос ва тарҷумон ҳатмӣ буда, имзои ин шахсон дар зери ҳар варақ ва охири баёнот гирифта мешавад:

- дар зери ин маълумот овардани насаб ва имзои баёнотдиҳанда;

- насаб ва имзои корманде, ки баёнотро гирифтааст ва таърихи рӯз.

Ду шакли баёнотгирӣ мавҷуд мебошад:

1. Бо огоҳ намудан дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми додани нишондоди бардурӯғ ва нахоста додани

нишондод. Ин огоҳкунӣ пас аз маълумот оид ба шахсияти баёнотдиҳанда ва пеш аз оғози матни баёнот қайд карда мешавад.

2. Бе огоҳ намудан дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми додани нишондоди бардурӯғ ва нахоста додани нишондод.

Ҳангоми гирифтани баёноти шоҳид ва ҷабрдида ҳатман оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ огоҳ карда мешавад. Бояд дар хотир дошт, ки баёнотгиранда вазифадор аст фаҳмонад, ки шоҳид ё ҷабрдида ҳуқуқ дорад аз додани нишондоде, ки худи онҳо ё хешованди наздики онҳоро барои содир намудани ҷиноят айбдор мекунад, рад намояд. Шоҳид ё ҷабрдидае, ки аз ин ҳуқуқ истифода набурдааст, доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда мешавад.

Гумонбаршуда ва шоҳиду ҷабрдидаи ноболиғи то 16-сола оид ба ҷавобгарӣ огоҳ карда намешаванд. Зеро ин субъектонро дар сурати надодани нишондод ё додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гумонбаршуда ҳуқуқ дорад тамоман нишондод надиҳад. Дар амалия натанҳо ин ҳуқуқ фаҳмонида намешавад, балки ин субъектро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои нишондоди бардурӯғ хаттӣ огоҳ мекунанд, ки хилофи қонун мебошад.

Санаде, ки ҷой доштани ягон ҳолати заруриро дар мавод тасдиқ мекунад, ё дар бораи миқдор, ҳаҷм, андоза, масоҳат, нишона, аломат ва сифатҳои хусусиятноки объект, предмет ва олоти ҷиноят маълумот медиҳад, асосан ҳуҷҷате мебошад, ки маъмулан ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ пешниҳод карда мешавад. Ба гунаи мисол, мо метавонем аз забонхати гумонбаршуда, ҷабрдида, шоҳид ва дигар шахси ба кор аҳамиятдошта, маълумотномаи ҷойи зист, таҳсил, ҷойи кор, маълумотномаҳо аз ҷониби корхонаву муассиса, ташкилот ва мақомот, ки дар онҳо маълумоти ба кор аҳамиятдошта мавҷуданд, маълумотномаи мутахассис, коршинос, тиббӣ, оид ба доғи судӣ доштан ё надоштан ва амсоли онро номбар кунем. Санадҳои номбаршуда бояд аслӣ, бо имзо ва муҳр тасдиқкардашуда ва матни онҳо саҳеҳу равшан бошад.

Ин аснод маъмулан ҳамон ҳуҷҷатҳое мебошад, ки муаллифи он мақомоти тахқиқ ва тафтиши пешакӣ набуда, аз субъектони аз ин доира берун пешниҳод кардаанд. Лекин тн маънои онро надорад, ки ин намуд санадҳоро мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пешниҳод карда наметавонад. Ин санадҳо аз ҷониби ин мақомот низ манзур карда мешаванд. Ба ин қатор мо метавонем маълумотномаҳоеро, ки мақомоти таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ оид ба ҷой доштани ҳолате, ки ба кор алоқамандӣ дорад, тартиб додаанд, дохил кунем: сандади гирифти ашё (дар амалия протоколи гирифт ё протоколи ёфта гирифтан номгузорӣ карда мешавад, ки хатост), санади кофтукови шахс (на кофтукови шахсие, ки м.193 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дорад) ва амсоли он.

Ашё ё предмет мутобиқи м.78 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон он вақт далелҳои шайъӣ ба ҳисоб мераванд, ки:

- чун олоти ҷиноят истифода шудаанд;
- дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд;
- объекти содир шудани кирдори ҷиноятӣ будаанд;
- пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд;
- ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳгорон ё рад кардани айб ё сабук кардани ҷавобгарӣ восита шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар дилхоҳ ашёе, ки ба ҷиноят ва ҳолатҳои кор алоқаманд нестанд, далели шайъӣ нестанд ва бояд бо мавод ба муфаттиш пешниҳод карда нашаванд. Дар амалия ҳолатҳое мешавад, ки ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ намудани дуздии молу мулки шаҳрвандон аз хонаи соҳибмулк ашёҳои ба дуздӣ алоқаманд набуда, гирифта шуда ба мавод ҳамроҳ карда мешаванд, ки тамоман нодуруст мебошад.

Хусусан дар мавод оид ба кирдори қаллобӣ бо як баёноти гумонбаршуда ва ҷабрдида маҳдуд шуда, кормандони мақомоти таҳқиқ ва оперативӣ чунин даъво менамоянд, ки дар қаллобии бо пули нақд алоқаманд ягон чиз далели шайъӣ шуда наметавонад ва ё нест. Аммо онҳо ба донишу хиради солим такя карда намеандешанд, ки бо маблағи бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда (бештар маблағҳои калони пулӣ) ягон чизу чора харида мешавад. Ин чизу чора ҳатман

далели шайъӣ ба ҳисоб меравад. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш набояд кард, ки тахти ашё суд аҳамияти далели шайъиро фақат дар ҳолатҳои зайл эътироф мекунад, агар:

- бо тасвири мукаммали он, мӯҳргузорӣ ва дигар чунин амал, ки фавран баъди ба даст овардани он анҷом дода, имконияти иваз кардани он, ба таври назаррас тағйир додани нишона, хосият, изҳои дар он мавҷуда бартараф карда шуда бошанд;

- он бевосита пеш аз таҳқиқ дар суд аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид шинохта шуда бошад (қ. 4 м.78 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Далелҳои шайъӣ (то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар мавод аслан ҳамчун ашё дониста мешавад, вале барои фаҳмо шудан мо онро шартан чунин ном мегузорем) ҳангоми дарёфт, гирифтан, бастабандӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ намудани он бояд тарзе гирифта шавад, ки беғаразона, айнан, бетаҳриф, дақиқ, ошкоро, бо иштироки шахсони холис ва бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиён бошад.

Маводи тартибдодаи мақомоти таҳқиқ бе муайян кардани шахсият (агар имконият бошад) аз ҷониби мақомоти тафтиш қабул карда намешавад. Мутобиқи сархати 1 м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият» аз 26.07.2014 сол ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият – санади намунааш тасдиқшуда, ки дар он иттилоот дар бораи маълумоти фардии шахси воқеӣ сабт шудааст ва он имкон медиҳад, ки шахсият ва вазъи ҳуқуқии соҳиби он бо мақсади айнияткунонии шахсият муқаррар карда шаванд.

Тибқи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият инҳоянд ин шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи дипломатии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи хизматии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ, шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд, шаҳодатномаи муваққатии паноҳҷӯянда, шаҳодатномаи гуреза, шаҳодатномаи таваллуд, шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадорони меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), маъюбон, донишҷӯён ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои номбаршуда дар шакли аслӣ бе ягон нуқсон, дигаргунӣ, равшан ва хоно бошанд. Дар сурати нусха будани онҳо бояд бо муҳри мақомот, муассиса, корхона ва ташкилоте, ки онро додааст ва ё ҳуқуқи тасдиқи нусхаи онро дорад, тасдиқ карда шавад.

Муфаттишоне низ ҳастанд, ки ба ақидаи онҳо ҳуҷҷати тасдиқкунанда ва муайянкунандаи шахсият танҳо шиносномаи шаҳрвандӣ мебошад ва аз мақомоти таҳқиқ ва оперативӣ боисрор талаб менамоянд, ки бояд бо чи роҳе набошад шиносномаи шаҳрвандро дастрас намуда, ба тафтишот пешниҳод намоянд, ки ин мутлақо нодуруст мебошад. Чи хеле мо аз ҳарфи қонун воқиф гаштем, ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият танҳо шиноснома нест.

Дар баъзе ҳолатҳо якҷоя бо мавод ашёе пешниҳод карда мешавад, ки баҳсӣ буда, соҳиби он муайян нест ва гумонбаршуда, ҷабрдида ва ё шахси дигар оид ба соҳибмулк будан ба ин ашё даъвову баҳс мекунанд ва дар як вақт то ин ҳолат ба таври пурра муайян карда нашавад, кирдори содиршуда номаълум мемонад. Ин кирдор гражданӣ, маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ буданаш дақиқ намегардад. Аз ин рӯ корманде, ки маводи аввалияро тартиб медиҳад, ин ашёро аз нигоҳи ҳуҷҷат қонунӣ намуда, пас пешниҳод намояд. Яъне ба ҳамон молу мулки пешниҳодшуда (хусусан ашёҳои гаронарзиш ва калонҳаҷм) ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи тааллуқият дастрас намуда, якҷоя бо он манзур карда шавад. Дар сурати тамоман ғайриимкон будани дастрас намудани ҳуҷҷати мазкур бояд бо роҳи гирифтани баёноти шоҳидон, ки ба онҳо маълум аст, ки он ашё ба кӣ тааллуқ дорад, ин масъала ҳалли худашро меёбад.

Дар ҷамъоварии мавод вобаста ба кирдори содиршуда салоҳияти кормандон дар ҷамъовардани ҳуҷҷату далелҳо бояд риоя карда шавад. Мақсади изҳори андешаи мазкур он

аст, ки бояд далел аз ҷониби корманде ҷамъоварӣ карда шавад, ки салоҳияти онро дорад. Дар бисёр мавод мо аз ҷониби корманди қаторӣ (дар назар аст корманди хадамоти посбониву пайраҳадорӣ ё роҳбонӣ) таҳия намудани ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, нақшаи ҷойи ҳодиса, гирифти ашёҳоро мушоҳида менамоем. Ё худ кормандони мақомоти таҳқиқ маводро ҷамъоварӣ карда, бо ақидаи «азназаргузаронии ҷойи ҳодиса вазифаи муфаттиш» ин амали тафтиширо намегузаронанд. Ҳол он ки дар бисёр маврид азназаргузаронии ҷойи ҳодиса якумин амалест, ки пеш аз дигар амалҳои санҷишӣ гузаронида шуда, сарчашмаи боэътимоди ба даст овардани далелҳо ба ҳисоб меравад. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса вазифаи танҳо муфаттиш нест.

Дар мавриде, ки ба ҷойи ҳодиса гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ ҳозир мешаванд, кормандон дар ҷамъоварии далелҳо ва ҳуҷҷатгузории кирдори содиршуда тамоман ширкат наварзида, вонамуд мекунанд, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ машғул мебошанд. Ҳол он ки корманде, ки аъзои гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ мебошад, вазифаи ӯ чун дигар аъзоён ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷамъоварии далелҳо дар ҷойи ҳодиса мебошад, на кори дигар.

Ҳаминро бояд дуруст дар хотир гирифт, ки дар сурати риоя нашудани яке аз шартҳои дар боло овардашуда ҳам тибқи қонун ва ҳам тибқи санади зерқонунӣ (дар назар аст санадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад) муфаттиш ҳуқуқ дорад маводро ба санҷиши иловагӣ ба мақомоти таҳқиқ баргардонад, ки ин як кор ва сарбории иловагиеро барои кормандон ба вуҷуд меорад. Дар амалия дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми баргардонидани мавод кормандони мақомоти таҳқиқ ва оперативӣ аз муфаттишон норозӣ шуда, «гилагузорӣ» менамоянд. Онҳо бояд аз худ гила кунанд, зеро муфаттиш талаботи шахсиро не, балки қонунро пешниҳод мекунад.

Мақсад аз гуфтаҳои боло дар он мебошад, ки дар амалия ва таҷриба ин қоидаву расмиёте, ки чанд рӯйи қоғаз оварда шудаанд, ҳатто 50 %-и он риоя ва иҷро намегардад ва мушкилоту сарбории сангинеро ҳангоми оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ пешорӯи муфаттиш ва таҳқиқбарандае, ки

маводро баррасӣ менамояд, меорад. Ногуфта намонад, ки чи хеле дар сатрҳои аввал қайд намудем, агар яке аз сабабу шароитҳо савод бошад, дигар сабаб, ки мутаассифона он низ ҷой дорад, ин хоҳиш ва завқ надоштани кормандон ҷиҳати пурра, ҳаматарафа ва холисона ҷамъ овардан ва тартиб додани мавод мебошад.

Фикру ақидаи дар тадқиқоти мазкур овардашуда аз нуқсону камбудиҳо орӣ нестанд, вале дар самти дурусту пурра пешниҳод намудани мавод ба мақомоти тафтишотӣ шояд яке аз қадамҳои нахустин бошад. Ин навиштаву таҳлилҳо бояд дар шуур ва тафаккури кормандоне, ки нав дар ин ҷода қадам мемонанд ва ё таҷрибаи кофӣ (дар назар аст, ки кормандоне ҳастанд, ки даҳҳо сол кор кардаанд, вале дар гузаштаву ҳозира ягон шахс ба онҳо оид ба ин нозукиҳо ҳарфе назадаанд ва онҳо маҳорату малакаи касбӣ пайдо накардаанд) надоранд, бояд дигаргунии куллиеро ба вуҷуд оранд.

# БОБИ 4

# ОҒОЗИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

## 4.1. Мафҳум ва моҳияти оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ

Давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ давраи аввали мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки вазифаҳои мустақили худро дорад: баррасӣ ва ҳалли масъала вобаста ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ. Дилхоҳ парвандаи ҷиноятӣ бе паси сар намудани ин давраи мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад тафтиш карда шавад. Зеро барои он ки маводи ҷамъовардашуда бо аризаи пешниҳодшуда ба парвандаи ҷиноятӣ табдил ёбад, маҳз давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ накши ҳалкунанда мебозад. Моҳияти ин давра аз фаъолияти муфаттиш ва дигар мақомоти ваколатдор оид ба муайян намудани ҷой доштан ва ё надоштани заминаи мурофиавӣ барои тафтишоти минбаъда иборат аст. Давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқиест барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва қабули қарори ниҳоӣ бо парвандаи ҷиноятӣ. Ягон амали тафтишӣ бе оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида намешавад, ба истиснои амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки онро низ қонунгузор дар қ. 2 м.182 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун истисно пешбинӣ намудааст: «дар мавридҳои таъхирнопазир азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро то оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом додан мумкин аст». Вале дар амалия бисёр вақт амалҳои тафтишии «кофтукови шахсӣ», «гирифтани ашё» (саҳеҳтараш «ёфта гирифтан»), «кофтукови манзили истиқоматӣ ё макон» низ бе оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд, ки бар хилофи меъёри қонун мебошад.

Фаъолият дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ дар худ маҷмӯи амалҳоро оид ба қабул, бақайдгирии хабар дар бораи ҷиноят, санҷиш ва қабули қарори муайянро дар бар мегирад. Тибқи муқаррароти қ. 6 м. 145 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар

бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани ҷиноят, муфаттиш яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

- дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ;
- дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ;
- дар бораи аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот.

Қарорҳо дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ барои давраи баррасишавандаи мурофиаи ҷиноятӣ ниҳоӣ ба ҳисоб мераванд, вале қарор дар бораи аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот ниҳоӣ нест, зеро қарори дахлдори ниҳоӣ дар ин давра аз ҷониби ҳамон мақомот ё шахси мансабдоре қабул карда мешавад, ки ариза ва хабар дар бораи ҷиноят тобеи салоҳияти ӯст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вақти амалигардонии вазифаҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи аввали мурофиаи судии ҷиноятӣ камбудиву хатоиҳо вобаста ба вайрон кардани мӯҳлатҳои мурофиавӣ, риоя накардани шаклҳои мурофиавие, ки боиси қабули қарори беасос, ҳамчунин боиси гум шудани аҳамияти далелии хабари қабулшуда мегарданд, ба вуҷуд меоянд. Аз ҷумла, ҳолатҳои гузаронидани мӯҳлати муайяннамудаи қонун оид ба баррасии хабарҳо дар бораи ҷиноят, беасос оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои аз қайд пинҳон намудани ҷиноят, ба назар мерасанд.

Аз як ҷиҳат, ин ва дигар зуҳурот аз мушкилот дар маънидодкунӣ ва дар амалия татбиқ намудани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳамчунин нокифоягии тайёрии касбии баъзе аз кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ, ба вуҷуд меоянд.

Бо дарназардошти ин ақида таҳлили мушкилоти назариявӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, ки ба фаъолияти мурофиавии муфаттиш доир ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дахл дорад, аз аҳамият холӣ нест.

## 4.2. Асосҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ

Барои қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бояд муайян намуд, ки сабаб ва асоси оғоз намудани он ҷой дорад. Аз ин нуқтаи назар вазифаи асосии муфаттиш дар ин давра муайян кардани ҷой доштани заминаи ҳуқуқӣ барои шуруъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Тибқи талаботи м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ аз инҳо иборатанд:

- ариза дар бораи ҷиноят;
- ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
- иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;
- иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;
- аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.

Дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ таҳрири соли 1961 ду мафҳум фарқ карда мешуд: «сабаб» ва «асос». Асосҳое, ки дар м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, аз ҷониби қонуни пештара ҳамчун сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ номгузорӣ карда шуда, асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд будани маълумоти кофие, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд, фаҳмида мешуд. Дар қонунгузории нави мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми сабаб ва асос фарқ карда нашудааст[1]. Дар м. 11 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) асоси ҷавобгарии ҷиноятиро содир намудани кирдоре медонад, ки тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятро дорост. Аз ин нуқтаи назар ин меъёри қонуни ҷиноятӣ ба қонуни мурофиавии ҷиноятии таҳрири соли 1961 мувофиқат карда, хилофи КМҶ Ҷумҳурии

[1] Бояд қайд намуд, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳо бо асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳаммонанд шуда, нодуруст истифода бурда шудаанд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ислоҳ намудани ин нуқсон дар тамоми матн истилоҳи «сабабҳо» ва «асоси» оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда мешавад.

Тоҷикистон мебошад. Зарур аст, ки ихтилофи мазкур бо ворид кардани тағйиру иловаҳо бартараф карда шавад. Ба ақидаи муаллифи сатрҳо мавқеи қонуни қаблии мурофиавии ҷиноятӣ дар ин ҷо дурустар мебошад.

Мутобиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ғайр аз ин сабабҳои дар боло овардашуда, сабаби дигар барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд нест. Дар амалия аз ҳама сабаби паҳншудаи маъмул – ин ариза дар бораи ҷиноят мебошад. Моҳияти он аз хабаррасонии маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ва ё ҷинояти тайёршудаистода ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ иборат аст. Аризадиҳанда метавонад ҳам шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва ҳам дилхоҳ нафари дигар бошад.

Дар назарияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар зери мафҳуми «ариза дар бораи ҷиноят» аризаи шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдор фаҳмида мешавад. Мутобиқи сархати 1 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2016 сол таҳти № 1339 **ариза** – ин хоҳиш дар бораи мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар ё пешниҳод намудани маълумот дар бораи вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, норасоиҳо дар фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор ё танқиди фаъолияти шахсони мансабдор, роҳбарон ва кормандони мақомоту ташкилоти дахлдор, эътироф карда мешавад.

Тамоми мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ) ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд бояд мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Аммо, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ариза дар бораи ҷиноят танҳо арзи шаҳрвандон фаҳмонида шуда, «ариза»-и шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдор ба шакли иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот дар бораи ҷиноят омадааст (м. 143 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Хуб мебуд, ки ин сабаб низ ҳамчун яке аз шаклҳои ариза дар бораи ҷиноят ҳисобида мешуд. Мантиқан ин ҳарду сабаб як маъно ва як мазмун дорад. Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ чунин шартҳоро барои ариза дар бораи ҷиноят пешбинӣ намудааст:

- ариза дар бораи ҷиноят шифоҳӣ ё хаттӣ шуда метавонад;
- аризаи хаттӣ бояд аз ҷониби шахси аризадиҳанда имзо гузошта шавад;
- аризаи шифоҳӣ ба протокол дохил карда шуда, ба он аризадиҳанда ва шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё прокуроре, ки аризаро қабул кардаанд, имзо мегузоранд;
- протокол бояд маълумотро дар бораи аризадиҳанда, маҳалли истиқомат ва кор, инчунин ҳуҷҷатҳои шахсии ӯ дар бар гирад;
- аризадиҳанда дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ огоҳонида, дар ариза ва ё протокол сабт ва бо имзоаш тасдиқ карда мешавад;
- ариза, мактуб ё дигар иттилооти беном, беимзо ё бо имзои қалбакӣ ё аз номи шахси сохта навишташуда барои оғози парвандаи ҷиноятӣ сабаб шуда наметавонад.

Сабаби дигар барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ мебошад. Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ иттилооти ихтиёрии шахс дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум нест, ҳисобида мешавад, ба шарте ки ин шахс ҳанӯз гумонбар нашуда ё айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад. Ба мазмуни меъёри мазкур дақиқ назар андозем, барои ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ чунин ҳолатҳо бояд ҷой дошта бошад:

-ҷинояти содирнамуда ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум набошад;
-ин шахс ҳамчун гумонбар дар содир намудани ҷиноят дониста нашуда бошад;
-нисбати ин шахс айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад.

Дар амалия бисёр вақт аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо мақсади ғаразнок сабаби тавсифшавандаро ҳамчун «ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ ва ҷазо», «заминаи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ» эътироф намуда, барои қабули қарори ниҳоӣ камар мебанданд. Дар мавриде, ки парвандаи ҷиноятӣ ё мавод нисбати ҷиноят мавҷуд аст, нисбати шахси муайян гумон оид ба содир намудани ҷиноят меравад, нисбати шахс дар содир намудани ҷиноят айб эълон карда шудааст ва дар муддате шахс аз таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шудаст, мантиқи «ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ» дуруст нест. Ҳатто дар амалия ҳолатҳое вомехӯранд, ки шахс солҳо дар кофтукови ҷиноятӣ қарор дорад, аз ҷониби кормандони тафтишот бо ғарази «дар доираи қонун ёрӣ расонидан» протокол оид ба омада ба гуноҳи худ иқрор шудан тартиб дода, баъдан «гӯё» дар ҳаракатҳои ӯ мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурд қатъ карда шудааст.

Мутобиқи қонун аризаи ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ дода мешавад ва бояд аз тарафи аризадиҳанда ба мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор супорида шавад. Аризаи шифоҳӣ ба протокол дохил карда шуда, мазмунаш пурра инъикос мегардад. Протокол аз ҷониби шахси бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда ва мансабдоре, ки онро қабул кардааст, имзо карда мешавад.

Дар бораи иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот дар бораи ҷиноят, ки дар қонунгузории баъзе давлатҳо (КМҶ Федератсияи Россия) ҳамчун ариза дар бораи ҷиноят эътироф гардидааст ва яке аз сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ башумор меравад, дар сатрҳои боло зикр карда шуд. Қонун онро ба инобат гирифтаст, ки иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот дар бораи ҷиноят бояд дар шакли хаттӣ пешниҳод карда шавад. Ба иттилоот мумкин аст ҳуҷҷат ва дигар маводи тасдиққунандаи ҳолатҳои содир намудани ҷиноят замима шаванд.

Иттилооти воситаҳои ахбори омма низ яке аз сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Ин иттилоотро метавонад шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва ё шахси дигар дар

воситаҳои ахбори омма дарҷ намояд. Иттилооти воситаҳои ахбори омма барои оғози парвандаи ҷиноятӣ сабаб шуда метавонад, ба шарте ки он асоси воқеӣ дошта, дар рӯзнома ё маҷалла дарҷ гардида ё ба воситаи радио ва телевизион пахш шуда бошад. Шахси мансабдори воситаи ахбори омма, ки иттилоотро дар бораи ҷиноят дарҷ ва ё пахш кардааст, бо талаби шахси барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ваколатдор вазифадор аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маводи дар ихтиёраш будаи тасдиқкунандаи иттилооти пахшшударо дастрас кунад, инчунин шахси пешниҳодкардаи ин маълумотро, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин шахс онро бо шарти маҳфуз доштани манбаи иттилоот додааст, номбар кунад.

Қонунгузор дар баробари шарту шароитҳои амалишавии механизми татбиқи меъёри сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ оқибатҳои пешниҳоди хабари бардуруғро дар бораи ҷиноят пешбинӣ кардааст. Тибқи талаботи қ. 5 м. 149 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятe, ки вобаста ба содир шудани он иттилоъ аз шахс гирифта шудааст, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда масъалаи оғози парвандаи ҷиноятиро вобаста ба иттилои бардурӯғи шахс дида мебароянд. Аммо дар қ. 6 м. 149 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати муқобил дида мешавад: иттилооте, ки дар бораи содир намудани ҷиноят дар воситаҳои ахбори омма чоп гардида, дар рафти тафтиш тасдиқи худро наёфтааст, дар ҳамон воситаи ахбори омма дар ин бора раддия чоп карда мешавад. Яъне бо як чопи раддия шахсе, ки дар воситаҳои ахбори омма хабари бардуруғро дар бораи ҷиноят дарҷ намудааст, аз ҷавобгарӣ дур мемонад. Пешниҳод карда мешавад, ки хабари баръало бардуруғи шахс дар ин маврид низ мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор гирад. Ҳамчунин, дар ин қисми моддаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар хусуси ба воситаи радио ва телевизион пахш шудани хабари нодуруст ё бардуруғ дар бораи ҷиноят ва оқибатҳои он меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудааст. Бо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ин меъёри мурофиавӣ принсипи конститутсионии «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд» амалӣ карда мешавад.

Дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳамаи сабабҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар моддаҳои алоҳида (м.м. 141, 142, 143 ва 144) маънидод карда шудааст, ба ҷуз сабаби дар сархати охирони м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда: «аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд». Агар ин сабаб низ аз ҷониби худи қонунгузор маънидод карда шавад, дар вақти ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилоте пеш намеояд. Бояд дар қонун муқаррар карда шавад, ки ин сабаб дар мурофиаи ҷиноятӣ ба воситаи чи гуна ҳуҷҷати расмӣ манзур карда мешавад ва ин ҳуҷҷати расмӣ чи гуна шаклу намуд, маълумот ва реквизитҳоро дар худ дошта бошад. Дар акси ҳол фаҳмиши духӯраи қонун ба вуҷуд меояд, ки нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меоварад.

## 4.3. Тартиби мурофиавии қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ

Мувофиқи м. 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Яке аз кафолати татбиқшавии меъёри мазкури конститутсионӣ дар м. 145 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки тибқи он мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки ваколати оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро доранд, вазифадоранд дар бораи ҳама гуна ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда аризаю иттилоотро, ки дар паси он як ва ё якчанд ҷабрида меистад, қабул ва баррасӣ намоянд. Ба аризадиҳанда дар бораи ба қайд гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят бо сабти номи шахсе, ки ариза ё иттилоотро қабул кардааст ва вақти ба қайд гирифтани он ҳуҷҷат дода мешавад. Ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят, ки ба суд ворид шудааст, барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор равон карда, аризадиҳанда огоҳ карда мешавад.

Муфаттиш вазифадор аст, ки оид ба ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят бояд дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот қарор

қабул кунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин муҳлатро то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия меъёри ҳуқуқӣ чунин аст: муфаттиш вазифадор аст, ки дар муҳлати на дертар аз 3 шабонарӯз аз рӯзи дохил шудани хабар бояд қарори тибқи қонунро қабул кунад. Роҳбари воҳиди тафтишотӣ ҳуқуқ дорад, ҳангоми мавҷуд будани дархости муфаттиш ин муҳлатро то 10 шабонарӯз дароз кунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои санҷишҳои ҳуҷҷатӣ, ревизия, таҳқиқи ҳуҷҷатҳо, ашёҳо ва ҷасадҳо сардори воҳиди тафтишотӣ ҳуқуқ дорад, ин муҳлатро то 30 шабонарӯз дароз кунад. Бояд дар дархости муфаттиш ба таври ҳатмӣ ҳолатҳои далели мушаххас, ки сабаби қабули чунин қарор гаштаанд, нишон дода шавад[1].

Қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муҳлатро хеле маҳдуд кардааст. Зеро аввалан муҳлати 3 шабонарӯз ё ҳатто муҳлати истисноии 10 шабонарӯза имкони пурра намедиҳанд, ки тамоми амалҳои зарурии санҷишӣ гузаронида шуда, карори қонунӣ қабул карда шавад, дуввум иҷозати дароз намудани муҳлати санҷиш, ки ба салоҳияти прокурор дохил мешавад, меҳнати муфаттиш ва таҳқиқбарандаро беҳад сангин месозад: Назди прокурор рафтан ва гирифтани иҷозат низ ба ҳамин муҳлат дохил мешавад. Аз дигар тараф дар шароити ҳозира, ки давлати ҷавони мо қадамҳои нав ба дастрасии имкониятҳои техникиву технологӣ гузоштааст ва назар ба давлати Россия имконияту шаротиҳо маҳдуд аст, дар ин муҳлати пешниҳоднамудаи қонун қабули қарори қонунӣ имконнопазир мебошад. Дар амалияи тафтишотӣ меъёри «3-шабонарӯза» қариб, ки риоя нашуда, ҳатто меъёри «10 шабонарӯза» низ дар аксари вақтҳо риоя намешавад ва қарорҳои дахлдор пас аз гузаштани муҳлати дар қонун нишондодашуда, бо вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии

[1] Предварителное следствие // зери таҳрири Мешков М.В. – М., 2012. – С. 275, 276.

мурофиавӣ-ҷиноятӣ қабул карда мешаванд ва оқибатҳои ҳуқуқии дигарро ба бор меоваранд.

Дар амалия ин меъёри қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба муҳлати баррасии хабар дар бораи ҷиноят дар бисёр вақт риоя намешавад. Дар сурати пайдо шудани ҳолатҳои зарурии ҳаётӣ ва имконнопазирии қабули қарор дар муҳлати 10 шабонарӯз, муфаттиш ё таҳқиқбаранда асоси ҳуқуқие пайдо намекунад, ки дар такя ба он муҳлатро дароз намояд. Дар амалия хусусан муфаттишон ва таҳқиқбарандагони мақомоти корҳои дохилӣ барои дароз кардани муҳлати баррасии хабар дар бораи ҷиноят ба санадҳои дохилиидоравӣ (Фармон ё дастурамал) рӯ меоранд, ки ин хилофи қонун мебошад. Агар бо дарназардошти гуфтаҳои боло муҳлати баррасии хабар (ариза, мактуб, гузориш ва амсоли он) дар бораи ҷиноят зиёда аз 10 шабонарӯз шавад, сифати қарорҳои дар натиҷаи санҷиши хабарҳо қабул карда шуда беҳ мегардад. Чунки дар бисёр маврид дар муҳлати кӯтоҳ саросемавор на ҳама амалҳои зарурӣ гузаронида шуда, қарорҳои беасос қабул карда шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мегардад.

Дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани ҷиноят, пас аз гузаронидани санҷиши пурра, ҳаматарафа ва холисонаи он, муфаттиш қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул мекунад. Дар қарор вақт ва маҳалли қабули он, аз ҷониби кӣ қабул карда шудани он, сабабҳо ва асос барои оғози парванда, моддаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст, инчунин самти минбаъдаи парванда нишон дода мешавад. Қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз 3 қисмат иборат аст: 1. Қисми муқаддимавӣ. 2. Қисми баёнию вазҳноккунӣ ва 3. Қисми хулосавӣ.

Дар қисми муқаддимавӣ рӯз, вақт ва маҳалли қабули он, аз ҷониби кӣ қабул карда шудани он (номи хонаводагӣ, ному насаб, вазифа ва рутбаи махсуси шахс), асос (сабаб) барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дарҷ мегарданд.

Дар қисми баёнию вазҳноккунӣ маълумоти воқеие, ки ҷой доштани аломатҳои ҷиноятро инъикос мекунанд, асос-

ноккунии қабули қарор, вақт, маҳалли содиршавии ҷиноят, шахси содиркунандаи ҷиноят (агар ин шахс маълум бошад) тасвири кӯтоҳи кирдори ҷиноятӣ (ҳаракат ё беҳаракатӣ) дарҷ мегарданд. Ғайр аз ин дар ин қисмат моддаи қонуни ҷиноятӣ ва моддаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муфаттиш ҳангоми қабули қарор онҳоро ба роҳбарӣ гирифтааст, нишон дода мешаванд.

Қисми хулосавии қарор аз мураттабгардонии қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, таснифи ҳуқуқии кирдор, бо нишон додани банд, қисм ва моддаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо он парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад ва самти ҳаракати минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ иборат аст. Зери мафҳуми «самти минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ» - ин қабули қарор ба пешбурди ҳамон шахсе, ки парвандаи ҷиноятиро оғоз кардааст ва худи ӯ тафтиши пешакиро мебарад ва ё супоридани парвандаи ҷиноятӣ ба дигар шахси мансабдор ё мақомоте, ки тафтиши пешакӣ ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, фаҳмида мешавад.

Дар амалия қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ метавонад дар ду ҳолат бароварда шавад:

1. Нисбати шахсият (дар мавриде, ки шахси содиркунандаи ҷиноят маълум аст).

2. Оид ба ҳодиса (ҳолат) (дар мавриде, ки шахси онро содир намуда маълум нест).

Дар мавриди аввал дар қисми ваҷҳноккунӣ бояд ному насаби пурраи шахсе, ки дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ аллакай ҳолати ҳуқуқии гумонбаршударо мегирад, дарҷ гардад. Фарқи қабули қарор вобаста ба ин ду намуд парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳамин мебошад. Дар амалия бисёр вақт дар қарорҳо дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби прокуророн қабул карда мешаванд, ному насаби шахсоне, ки нисбати онҳо қарор қабул карда шудааст, пурра дарҷ карда намешавад.

Вобаста ба ҳамин мавзӯъ қайд кардан ба маврид аст, ки меъёри тавсифшаванда дар қонун ба ду шакл омадааст: «Қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ» ва «Қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ». Зарур аст, ки меъёри мазкур дар тамоми моддаҳои дахлдори КМҶ

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ» дарҷ карда шавад.

Дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба қарори нисбат ба ариза ё иттилооти қабулшуда ба шахс, корхона, муассиса, ташкилот ё шахси мансабдоре, ки аз онҳо ариза ё иттилоот расидааст, хабар дода, ба онҳо ҳуқуқи шикоят кардан аз қарор фаҳмонда мешавад. Дар сурати аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот муфаттиш барои пешгирӣ ё рафъи ҷиноят, ҳамчунин тақвияти изи ҷиноят чораҳо меандешад.

Прокурор ҳамчун субъекти назорати иҷроиши қонунҳо дар ин давраи мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятии оғозкардашуда ҳангоми амалӣ гардонидани назорат ҷиҳати қонунӣ будани оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад қарори муфаттишро дар хусуси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бекор кунад ва оғози парвандаи ҷиноятиро рад намояд ва агар бо парванди ҷиноятӣ амалҳои тафтишӣ анҷом дода шуда бошанд, онро қатъ кунад.

Баъзе аз муаллифон қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятиро ба шумори қарорҳое дохил кардаанд, ки муфаттиш дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ – давраи аввали мурофиаи ҷиноятӣ қабул мекунад. Ба фикри мо қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ба ин давраи мурофиаи ҷиноятӣ дохил нагардида, он инкоркунандаи давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Вақте, ки парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашавад ва субъектони он вазъи ҳуқуқии худро доро набошанд, сухан дар бораи мурофиаи ҷиноятӣ намеравад.

# БОБИ 5

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МУФАТТИШ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ВА МУШКИЛОТИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

## 5.1. Мафҳуми муфаттиш ва мавқеи ~~он~~ ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ

Аз нигоҳи таърих падидаи тафтиши пешакӣ ва дар як вақт касби муфаттиш наздик ба маънои ҳуқуқии имрӯза аввалин маротиба дар Франсия ба вуҷуд омадааст. Олимон дар адабиёти ҳуқуқӣ онро ба таъсис додани судяҳои тафтишотӣ (яъне таъсис додани судяҳои шоҳӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ) аз ҷониби шоҳи Франсиски 1 дар соли 1522 алоқаманд медонанд.

Ин касб ҳанӯз дар замони гузашта дар империяи Россия (он вақт муфаттиши судӣ ном дошт) функсияҳои намояндаи адолати судиро ба амал бароварда, вазъи баланди иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро доро буд. Ҳатто ҷойивазкунии оддии муфаттишон аз рӯйи хизмат бо Фармони Император ба амал бароварда мешуд.

Дар даврони шуравӣ муфаттиш на танҳо ҳамчун хизматчии масъули давлатӣ, балки ҳамчун корманди ҳизбӣ, ки ғояҳои роҳбарикунандаи ҳизби ҳукмронро дар ҳаёт татбиқ мекард, ба шумор мерафт. То охири солҳои 60-уми асри XX расман ҳамчун «муфаттиши халқӣ» номгузорӣ шуда буд.

Дар назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ муфаттиш яке аз субъектони марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад. Дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин нуқтаи назар тасдиқи худро ёфтааст. Зеро дар зиёда аз 240 моддаҳои гуногуни КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (50% аз шумораи умумии моддаҳои дар Кодекс мураттабгардида) меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба салоҳияту ваколати муфаттиш, падидаҳои «тафтиши пешакӣ», «мақомоти тафтишотӣ» ва «амали тафтишӣ» бахшида шудаанд. Падидаҳои номбаршуда хоси яке аз субъектони асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ – муфаттиш мебо-

шанд. Падидаҳои номбаршуда ва муфаттиш аз як реша ибо-ратанд – тафтиш.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 1961 мафҳуми муфаттиш дода на-шуда буд. Моддаи 44 ва 45-и қонуни қаблӣ ба муфаттиш ва ваколати муфаттиш бахшида буд. Мутобиқи м. 44 Кодекси он давр амалкунанда, тафтиши пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониб ва бо тартиби қонун таъиншудаи муфаттишони мақомоти прокуратура, муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ ва муфаттишони мақомоти амнияти давлатӣ дар доираи салоҳияташон гузаронида мешавад. Аввалин бор дар қонунгузории нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳрири соли 2009 мафҳуми муфаттиш дода шудааст. Мутобиқи сархати 9-и м. 6 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиш – шахси мансабдори давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятиро анҷом диҳад. Тафтиши пешакӣ дар баробари таҳқиқ яке аз шаклҳои тафтишоти ҷиноятҳо мебошад. Дар моддаи номбурда, ки он мафҳумҳои асосӣ ном дорад, мафҳуми тафтиши пешакӣ шарҳ дода нашудааст. Дар ин модда меъёри ҳуқуқии «таъқиби ҷиноятӣ» оварда шуда, мувофиқи он таъқиби ҷиноятӣ – фаъолияти мурофиавиест, ки прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо мақсади муайян кардани кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда ва шахсе, ки онро содир кардааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб карда-ни ӯ, ҳамчунин барои таъмин намудани татбиқи ҷазо ва ё дигар чораҳои маҷбурӣ нисбат ба чунин шахс анҷом медиҳад. Вале чи тавре аён аст, мафҳуми таъқиби ҷиноятӣ назар ба мафҳуми тафтиши пешакӣ вобаста ба давраи баамалбарорӣ, субъектони онро баамалбароранда ва доираи функсияву вазифаҳои он васеътар аст. Зарур аст, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми тафтиши пешакӣ дохил карда шуда, шарҳи он пурра дода шавад.

Мувофиқи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш ва-зифадораст, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона таф-тиш кардани ҳолатҳои парванда тамоми чораҳои пешбини-намудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафед-

кунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Муфаттиш ҳуқуқ надорад, ки вазифаи исбот кардани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд. Ҳамаи ҳолатҳои исботшаванда бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона санҷида шаванд. Ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз парванда бармеоянд, бояд ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам сафедкунандаи айбдоршаванда, инчунин ҳолатҳои ҷавобгарии ӯро сабук ё вазнинкунанда муайян карда, ба инобат гирифта шаванд. Аз нуқтаи назари қонун муфаттиш дар фарқият аз субъектони дигари мурофиаи ҷиноятӣ: прокурор – айбдоркунандаи давлатӣ, ки майлони айбдоркуниро доро мебошад ва ҳимоятгар, ки тарафи ҳимоя мебошад, бояд ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам сафедкунанда, инчунин ҳолатҳои ҷавобгариро сабук ё вазнинкундаро ба инобат гирад.

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муфаттиш дар баробари прокурор, роҳбари мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, сардори воҳиди тафтишот, мақомоти таҳқиқ, сардори воҳиди таҳқиқ, таҳқиқбаранда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва намояндагони онҳо иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиханд, ба шумор меравaнд. Ин дар боби 5-уми КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Дақиқтар аст иштирокчиёни номбаршударо то таҳқиқбаранда дар боби алоҳида ҳамчун иштирокчиён – мақомоте, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд, ҷой мекарданд. Зеро вазъи ҳуқуқӣ, доираи функсияву вазифаҳо ва механизми баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ аз ҷониби ин субъектон аз иштирокчиёни боқимонда ба куллӣ фарқ мекунад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ муфаттиш бо иштирокчиёни дигари он – мақомоти таҳқиқ, прокурор, суд ва адвокат дар алоқамандии зич қарор дорад ва мавқеи марказиро ишғол мекунад. Зеро муфаттиш дар рафти тафтиши пешакӣ метавонад дар як вақт барои ошкор кардани ҷиноят, фош сохтани ҷиноятkор ва барои равшан намудани номуайяниҳои ҳолати кор ба мақомоти таҳқиқ супоришу дастурҳои хаттӣ дода, барои оғоз намудани парван-

даи ҷиноятӣ, гирифтани иҷозат барои гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ бо прокурор ва суд дар алоқаи ногусастанӣ қарор дошта, амалҳои тафтиширо бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда дар ҳузури ҳимоятгар гузаронад.

Аз нақши марказӣ доштани муфаттиш дар мурофиаи ҷиноятӣ, маҳсули «эҷодиёти» ӯ – парвандаи ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад. Агар дилхоҳ парвандаи ҷиноятии ҳатто дар баррасиҳои зинаҳои гуногуни судӣ қарордоштаро гирифта, назар андозем, қисмати зиёди қарорҳои ниҳоии қабулшуда дар такя ба амалҳои тафтишии гузаронидаи муфаттиш бароварда шуданд. Мутобиқи қ. 1 м. 285 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Ҳадди муҳокимаи судӣ» ном дорад, парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад. Эълони айб ин яке аз амалҳои мурофиавии калидӣ мебошад, ки аз ҷониби муфаттиш ба амал бароварда мешавад.

## 5.2. Ваколати муфаттиш тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ

Мутобиқи м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Дар робита бо ин муқаррароти меъёри конститутсионӣ вазифаи аввалиндараҷаи муфаттиш ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Вазифаҳои дигари муфаттиш дар рафти тафтиши пешакӣ аз инҳо иборат аст:

- ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар диданд;
- сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят;
- ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда;
- риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ;

- кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

Ғайр аз ин муфаттиш ҳамчун хизматчии давлатӣ аз ҳуқуқ ва ухдадориҳои хизматчиёни давлатӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 таҳти № 233 пешбинӣ намудааст, бархурдор мебошад.

Дар замони муосир тафтиши пешакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муфаттишони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратура, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Дар м. 161 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти муфаттишони мақомоти номбаршуда ҳар яке дар алоҳидагӣ ба таври васеъ ва равшан нишон дода шудааст. Ба қавли оддӣ дар қонун муайян аст, ки муфатиши кадом мақомот бо чи гуна парвандаҳои ҷиноятӣ ҳуқуки тафтиши пешакӣ гузаронидан-ро дорад. Вайрон кардани салоҳият, ки дар қонунгузорӣ ва таҷриба тобеияти тафтишотӣ низ ном дорад, асоси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии манфӣ мегардад ва ин баҳои манфӣ ба фаъолияти муфаттиш арзёбӣ мегардад.

Мутобиқи қ. 1 м. 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш дорои ваколати зерин мебошад:

- дар сурати мавҷуд будани сабабҳои дар м. 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд;

- парвандаи ҷиноятиро ба пешбурди худ қабул намуда, амалҳои тафтишӣ барад;

- оид ба парвандаи ҷиноятӣ мустақилона қарор қабул кунад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани ризои прокурор ё иҷозати судро талаб мекунад;

- пешбурди парвандаи ҷиноятиро сари вақт анҷом диҳад;

- ба сифати айбдоршаванда кашидани шахс, бандубасти ҷиноят, андозаи айбдорӣ қарор қабул кунад;

- пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ кунад ё ба суд равон кунад;

- дар ҳолати розӣ набудан ба дастури прокурор ҳуқуқ дорад бо изҳори хаттии норизоии худ парвандаро ба прокурори болоӣ ирсол намояд;

- бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, мутобиқи қонунгузорӣ шинос шавад;

- ба кормандони мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳои хаттие диҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ буда, мусоидати ин мақомотро дар пешбурди амалҳои тафтишӣ талаб намояд;

- барои тафтиши ҳамаҷониба, холисона ва воқеъбинонаи парвандаи ҷиноятӣ чора андешад;

- нисбат ба шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноят далелҳои кофии тасдиққунанда ҷамъоварӣ шудааст, айб эълон кунад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чораи пешгирӣ интихоб кунад;

- барои барқарор намудани зараре, ки аз ҷинояти содиршуда расидааст, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад;

- таъқиби ҷиноятиро анҷом диҳад ва парвандаро бо фикри айбдоркунӣ ба прокурор супорад.

Агар мо ба ваколати номбаршуда бодиққат назар андозем, ҳамаи ин ваколат дар доираи танҳо як парвандаи ҷиноятӣ, танҳо дар як давраи мурофиаи ҷиноятӣ – тафтиши пешакӣ ба амал бароварда мешавад. Ваколати муфаттиш, ки дар қонунгузории нави мурофиавии ҷиноятӣ оварда шудааст, нисбат бо ваколати дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 1961 пешбинишуда васеътар аст. Васеъшавии ваколат дар сархати 3 м. 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баъзе амалҳои мурофиавӣ иҷозати судро пешбинӣ кардааст ва ваколати дар сархати 8 м. 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, ки он шиносоӣ мутобиқи қонунгузорӣ бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, дида мешавад. Ин дар

фаъолияти муфаттиш навоварӣ мебошад. Ҳарчанд дар амалияи то қабули КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносоӣ бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконпазир буд, вале байни мақомоти тафтиши пешакӣ ва мақомоти оперативӣ-ҷустучӯӣ баҳсу нофаҳмиҳо вуҷуд доштанд. Имрӯз бо қабули кодекси нав заминаи ҳуқуқӣ барои ин ваколати муфаттиш гузошта шуд. Ҳоло низ мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба амалҳое даст мезананд, ки ваколати муфаттишро дар ин самт зери савол қарор медиҳад. Барҳақ аст, ки тамоми масъулияти тафтиши пешакӣ ва парвандаи ҷиноятӣ ба маънои томаш ба дӯши муфаттиш мебошад ва натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз сабаби оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Бинобар ин муфаттиш ба ҳеҷ ваҷҳ ба муқобили ахлоқи касбии худ сирру фаъолият ва доираи шахсони дар чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иштирокдоштаро зери хатар намегузорад, ё худ зери хатар гузоштани маълумоти маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби муфаттиш фикри бемантиқ аст.

Муфаттиш мавод ё аризаи ба ӯ вобастакардашударо омухта, амалҳои санҷиширо гузаронида, ваколатдор аст дар сурати мавҷуд будани асос парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд. Дар сурати мавҷуд набудани асос аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад менамояд. Дар ҳолате, ки тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё санҷиши мавод ба салоҳияти у дохил нагардад, ин парвандаи ҷиноятӣ ё маводро аз рӯйи тобеият равон мекунад. Дар сурати ба салоҳияти ӯ дахл доштан, парвандаи ҷиноятиро ба пешбурди худ қабул намуда, амалҳои тафтишӣ мегузаронад. Муфаттиш ваколатдор аст, оид ба парвандаи ҷиноятӣ мустақилона қарор қабул кунад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани ризои прокурор ё иҷозати судро талаб мекунад. Барои тафтиши ҳамаҷониба, холисона ва воқеъбинонаи парвандаи ҷиноятӣ чора меандешад. Нисбат ба шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноят далелҳои кофии тасдиқкунанда ҷамъоварӣ шудааст, айб эълон карда, бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чораи пешгирӣ интихоб мекунад. Дар ниҳояти кор муфаттиш бо парвандаи ҷиноятӣ тамоми амалҳои зарурии тафтиширо гузаронида, таъқиби

ҷиноятиро анҷом медиҳад ва парвандаро бо фикри айбдоркунӣ ба прокурор месупорад.

Дар давраи тафтиши пешакӣ тибқи талаботи сархати 9 м. 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш дар доираи тафтиши парвандаи ҷиноятии дар пешбурдаш қарордошта ваколатдор аст, ки ба кормандони мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳои хаттие диҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ буда, мусоидати ин мақомотро дар пешбурди амалҳои тафтишӣ талаб намояд. Мутобиқи ин меъёр бори аввал дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ супоришу дастури муфаттиш ҳамчун асоси гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян карда шуд.

Ҳамзамон, таҷриба нишон медиҳад, ки мақомоти таҳқиқ ба супориш ё дастури хаттии муфаттиш дар сатҳи лозима эътибор намедиҳанд ва иҷроиши бо сифати онро таъмин наменамоянд ё ин ки умуман онро бе иҷро мемонанд. Дар ин ҳол муфаттиш маҷбур аст, ки ба «манфиат»-и тафтиши пешакӣ расман аз номи мақомоти таҳқиқ ҷавоби супориш ё дастури хаттиро омода карда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ намояд. Гӯё бо ҳамин иҷрои супоришу дастури хаттӣ таъмин шуда бошад. Ё худ мақомоти таҳқиқ ҷавоби супоришу дастури хаттиро бемаънӣ ва бо ибораву ҷумлаҳои обшустаи такрории «… корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ давом дорад, дар сурати пайдо шудани маълумот ба Шумо хабар мерасонем» ба муфаттиш равон мекунанд. Ҳол он ки мутобиқи қ. 2 м. 39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои қарорҳои қабулкардаи муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятие, ки таҳти пешбурди ӯ қарор дорад, барои ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад. Баъзан дида мешавад, ки мақомоти таҳқиқ бо супоришу дастурҳои хаттии муфаттишони мақомоти прокуратура ин гуна рафтор намекунанд. Мумкин аст, аз «эҳтироми зиёд» ба ин мақомот дар иҷрои супоришу дастурҳои он ҷиддитар муносибат мекунанд. Бинобар имконпазир будани ин омилҳо супоришу дастурҳои хаттии муфаттишони мақомоти прокуратура аз ҷониби мақомоти таҳқиқ сифатан хуб иҷро карда мешаванд.

## 5.3. Масоили ҳалталаби фаъолияти муфаттиш дар замони имрӯза

Пас аз қабул шудани КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 декабри соли 2009) ва мавриди амал қарор гирифтани он (1 апрели соли 2010) ба масъулияти бе ин ҳам зиёди муфаттиш боз масъулиятҳои нав зам шудаанд, ки фаъолияти мурофиавии муфаттишро беҳад гарон гардонид. Бахусус, фаъолияти мурофиавии муфаттиш дар самти гирифтани ризояти прокурор ва иҷозати суд барои гузаронидани баъзе амалҳои мурофиавӣ, ки онро қонун муқаррар намудааст. Яъне барои гирифтани ҳам ризоят ва ҳам иҷозат муфаттишро зарур аст, ки як ё ду рӯзи пурқиммати худро дар раҳи ду мақомот – прокуратура ва суд сарф мекунад. Пас аз қабули КМҶ амалкунанда дар ҳошияиислоҳоти судӣ расман (де-юре) ин иҷозат (ба истилоҳ санксия) аз прокурор гирифта шуда, ба суд дода шуд, вале амалан (де-факто) пеш аз иҷозати санксия гирифтан, аввал муфаттиш вазифадор аст, ки «санксия»-и прокурорро гирад, пас аз он маводро барои гирифтани иҷозати гузаронидани ин ё он амали мурофиавӣ ба суд пешниҳод намояд. Дар сурати аз ҷониби прокурор розигӣ надодан ба дархости пешниҳоднамудаи муфаттиш, «миссия»-и муфаттиш барои ба даст овардани санксия ба охиррасида ба хисоб меравад. Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии бисёр аз давлатҳо, аз ҷумла КМҶ Федератсияи Россия муфаттиш дархостро оид ба иҷозат додан ба ин ё он амали мурофиавӣ ба сардори воҳиди тафтишотӣ пешниҳод намуда, пас аз гирифтани розигии сардор онро бевосита ба суд пешниҳод менамояд. Дар ин ҷо ҳам сарфи вақту ҳам сарфи нерӯ мешавад. Зеро сардори воҳиди тафтишотӣ нисбат ба прокурори назоратбаранда дар баробари муфаттиш масъул буда, ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ доимо дар зери назорати ӯ қарор дорад ва чи гуна «нафас кашидан»-и муфаттиш ба ӯ муайян аст.

Тавре Муҳаммадиев М.Т., дар яке аз асарҳои худ қайд менамояд, таҷрибаи сесолаи татбиқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маҳдудкунии ҳуқуқу озодии шаҳрвандон нишон дод, ки пас аз розигии худро барои

ба ҳабс гирифтан надодани прокурор, муфаттиш ҳуқуқи ба суд муроҷиат карданро аз даст медиҳад ва ё ҳуқуқи ӯро ҳамчун шахси аз ҷиҳати мурофиавӣ мустақил барои ба суд муроҷиат намудан маҳрум мегардонад. Дастгирӣ наёфтани дархости муфаттиш аз тарафи прокуратура аллакай асоси татбиқ намудани дигар чораи пешгирӣ ва ё ҳатто татбиқ накардани чораи пешгирӣ мегардад[1].

Нуқтаи назари иброзшуда он вақт самараи нек медиҳад, ки муфаттиш ва воҳиди тафтишотӣ дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ ҳақиқатан мустақил буда, ба ягон мақомот ё шахси мансабдор дар тобеияти «уфуқӣ» ё «амудӣ» қарор надошта бошад. Зеро ба тамоми муфаттишони ҷумҳурӣ мусаллам аст, ки муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ дар минтақаҳо тобеи «бечунучаро»-и сардорони мақомоти таҳқиқ – сардорони РВКД-ҳо ва ШВКД-ҳо мебошанд. Сардори милитсия бо мақсади баланд бардоштани натиҷаҳои нақшавии корӣ ва сифатан хуб нишон додани натиҷаҳои корӣ монеа ва садди мустақилияти муфаттиш ва воҳидҳои тафтишотӣ мегардад. Яъне барои чи тарз бурдани тафтиши пешакӣ муфаттиш не, балки сардори мақомоти таҳқиқ дастуру супориш медиҳад. Албатта ин ғайриқонунӣ мебошад.

Дар ин росто бинобар татбиқи Барномаи ислоҳоти (рушд) милитсия барои солҳои 2013-2020 пешниҳод карда мешавад, ки воҳидҳои тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ аз тобеияти сардорони мақомоти таҳқиқ ё худ мақомоти таҳқиқ бароварда шуда, ба тобеияти бевоситаи Раёсати тафтишотӣ (ё ин мақомот дар дигар шакл) ва Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад. Муҳаммадиев М.Т. дар асари «Дирӯзу имрӯзи тафтишоти пешакӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ» барҳақ нигоштааст, ки «муфаттиш ҳамчун шахси ваколатдори аз ҷиҳати мурофиавӣ мустақил дар асоси талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир ба парвандаҳои ҷиноятии тафтишмебур-

---

[1] Муҳаммадиев М.Т. Дирӯзу имрӯзи тафтишоти пешакӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2013. – С. 151.

даащ ҳақ дорад, ба сардори шуъбаи корҳои дохилӣ – ҳамчун сардори мақомоти таҳқиқ дар бораи гузаронидани амалҳои ҷустуҷӯӣ ва тафтишӣ супоришу дастурҳо диҳад. Дар як вақт аз мақомоти таҳқиқ талаб кунад, ки дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишии алоҳида кӯмак расонад. Ин гуна супориш ва дастурҳои муфаттиш барои мақомоти таҳқиқ ҳатмист (м. 45 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳрири соли 1961). Чунин шакли сохтор, ки то ба имрӯз вуҷуд дорад, мантиқан нодуруст буда, ислоҳоти куллиро талаб менамояд. Чунки дар тобеияти сардори мақомоти таҳқиқ будани муфаттиш хилофи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ буда, дар итоат будан ва дар як вақт ба сардори мақомоти худ супориш додан ба этикаи ташкили кори роҳбарӣ рост намеояд»[1].

Дар амалия дар баъзе мавридҳо сардори мақомоти таҳқиқ супориш ё дастури хаттии муфаттишро ҳамчун як амали «густохона»-и зертобеаш маънидод карда, ё қабулу ташкили иҷрои онро бар дӯши муовинони худ мегузорад, ё ба муфаттиш «маслиҳат» медиҳад, ки супориш ва дастури хаттиро ба унвони сардори шуъбача ё гурӯҳи кофтукови ҷиноятӣ пешниҳод намояд. Ҳол он ки сардори шуъбача ё гурӯхи кофтукови ҷиноятӣ ҳуқуқи имзо гузоштан ба ин гуна ҳуҷҷатҳоро тамоман надорад. Зеро ӯ сардори мақомоти таҳқиқ намебошад. Дар парвандаҳои ҷиноятӣ ҳолатҳое вомехурад, ки ба супориши хаттии муфаттиш сардори шуъбача ё гурӯхи кофтукови ҷиноятӣ бо имзои худ ҷавоб гардонидааст, ки ин тамоман хилофи қонун мебошад. Аз ин ҳам зиёда дар аксар ҳолатҳо, ҷавоби супориши хаттӣ аз ҷониби кормандони оперативӣ гардонида мешавад. Зеро аз номи мақомоти таҳқиқ танҳо сардори он ва муовинони он ҳуқуқи баромад карданро доранд.

Мушкилоти дигар дар фаъолияти муфаттиш он мебошад, ки дар баробари сарбории зиёд доштани ва вазифаи пурмасъул будани ин касб дар мақомоти корҳои дохилӣ, ху-

[1] Муҳаммадиев М.Т. Дирӯзу имрӯзи тафтишоти пешакӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2013. – С. 144.

сусан дар воҳидҳои поёнии он муфаттишон дар корҳои ғайритафтишӣ «фаровон» истифода карда мешаванд. Кор то ҷое расидааст, ки муфаттишро ҳатто дар фаъолияти посбониву пайраҳадорӣ (ба тафтиши пешакиву парвандаи ҷиноятӣ ягон алоқамандие надорад ва ин ҳолат бисёр вақт дар ШВКД дар шаҳру ноҳияҳо мушоҳида мешавад.) ҷалб сохта мешавад. Ҳарчанд фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки истифодаи муфаттишонро дар корҳои ғайритафтишотӣ имконнопазир медонад.

Ин пешниҳоду «дуруштгӯиҳо» ба он хотир аст, ки муфаттиш касби масъулиятнок буда, бевосита ба тақдири инсонҳо иртибот дошта, яке аз субъектони барқароркунандаи адолати иҷтимоӣ мебошад. Бинобар ин як хатогӣ, як камбудӣ ё нодида гирифтани ҷузъиёти хурди фаъолияти муфаттиш, дахолат ба мустақилияти мурофиавии ин субъекти маркази мурофиаи ҷиноятӣ метавонад ба таври ҷиддӣ поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ҷазо додан ва аз ҷавобгариву ҷазои ҷиноятӣ дур мондани шахси ҷинояткор оварда расонад.

Тамоми бурду бохти тафтиши пешакӣ ин масъулияти бевоситаи муфаттиш мебошад. Дар сурати аз ҷониби муфаттиш ба миён омадани камбудӣ дар рафти тафтиши пешакӣ масъулиятро танҳо ӯ ҳис мекунад, на сардори мақомоти таҳқиқ. Ҳатто дар ҳолате, ки парвандаи ҷиноятӣ аз назари прокурор гузашта, як-ду зинаи судиро гузашта, баъди чандин солҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидан, масъулияти асосӣ ва якуминдараҷа бар души муфаттиш мебошад. Дар ин ҳолатҳо муфаттишро танҳо дар ҳолати дар нафақа будан ё дар ҳолати ғайривазифавӣ будан эмин медорад. Дар акси ҳол фавран ба ӯ ҷазои сазовор дода шуда, як соли дароз номи муфаттиш дар сархати “рӯйхати сиёҳ” қарор мегирад.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин таклифу пешниҳоди худро барои ҳал намудани мушкилоте, ки дар фаъолият, салоҳият ва ваколати муфаттиш ҷой доранд, манзур менамоем:

1. Ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тағйироту иловаҳо оид ба механизми баамалбарории гирифтани иҷозат (санксия) барои гузаронидани баъзе амалҳои мурофиавӣ ворид карда шавад.

2. Дар таркиб ва сохтори мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба функсияҳои воҳидҳои тафтишотӣ тағйироту дигаргунӣ дохил карда шуда, вобастагӣ ва тобеъ будани воқеии муфаттиш ба мақомоти таҳқиқ аз байн бурда шавад.

3. Муфаттишон ба корҳои ғайритафтишотӣ тамоман сафарбар карда нашаванд.

4. Ҳамкории мутақобилаи муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ дар як санади меъёри ҳуқуқӣ ба таври аниқ бо нишон додани масъулияти ҷиддии тарафайн ба танзим даровarda шавад, то ки мақомоти таҳқиқ (аз ҷумла воҳидҳои оперативӣ) низ дар баробари муфаттиш масъулиятро дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дошта бошанд.

# БОБИ 6

# МУШКИЛОТ ДАР ИНТИХОБ ВА ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ

Мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда яке аз 7 намуди чораҳои пешгирӣ интихоб ва татбиқ карда мешаванд. Мафҳуми «чораҳои пешгирӣ» дар м. 101 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ки тибқи он чораҳои пешгирӣ амалҳои маҷбурие мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда барои пешгирии аз тарафи онҳо содир шудани ҷиноят ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд. Аз мафҳуми мазкур чунин нишонаҳои чораи пешгириро ҷудо менамоем:

- чораҳои пешгирӣ амалҳои маҷбурӣ мебошанд, яъне татбиқ шудан ё нашудани он ба ирода ва хоҳиши субъектон, ки нисбати онҳо татбиқ карда мешавад, вобаста нест ва он маҷбуран ба амал бароварда мешавад;

- чораи пешгирӣ танҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда татбиқ карда мешаванд, на нисбати дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ;

- чораи пешгирӣ бо мақсади пешгирии аз тарафи ин субъектон:

а) содир шудани ҷиноят

б) ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ равона карда шудааст.

- чораи пешгирӣ бо мақсади таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ чунин намуди чораҳои пешгирӣ пешбинӣ карда шудаанд:

- забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат;

- кафолати шахсӣ;

- супоридани хизматчии ҳарбӣ тахти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ;

- таҳти парасторӣ супоридани ноболиғ;

- гарав;
- ҳабси хонагӣ;
- ба ҳабс гирифтан.

Аз чораҳои пешгирии номбаршуда муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ метавонанд 6 намуди онро, ғайр аз «супоридани хизматчии ҳарбӣ таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ» нисбати гумонбаршуда ва айбдоршаванда интихоб намоянд, ё барои интихоби онҳо дархост пешниҳод намоянд.

Тибқи қонунгузорӣ муфаттиш танҳо дар ҳолате чораи пешгириро татбиқ карда метавонад, агар:

- далелҳои аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ овардашуда асоси кофӣ диҳанд, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, метавонанд аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон шаванд;
- гумонбаршуда, айбдоршаванда ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он аз тарафи суд мамониат кунанд, аз ҷумла маводи барои парванда аҳамиятдоштаро пинҳон ё сохтакорӣ кунанд ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонанд, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашаванд, ҷинояти дигарро содир намоянд, ба иҷрои ҳукм монеъ шаванд.

Аз муқаррароти овардашудаи қонун бармеояд, ки агар гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба ҳолат ва шароитҳои дар ин моддаи қонун баёншуда оварда нарасонад, мумкин аст, ки чораи пешгирӣ умуман татбиқ карда нашавад. Вале дар амалияи тафтишоти пешакии мақомоти корҳои дохилӣ ин ҳолат тамоман вонамехурад. Агар ба дилхоҳ парвандаи ҷиноятии нисбати шахсият тафтишшуда назар намоем, дар ягон парвандаи ҷиноятӣ ҳолати татбиқ накардани чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда ё айбдоршаванда дида намешавад. Хатто дар амалия ҳолатҳое вомехурад, ки агар муфаттиш дар сурати мавҷуд набудани ҳолатҳои пешбининамудаи қонун саҳван ва ё аз серкориаш нисбати айбдоршаванда чораи пешгирӣ интихоб ва ё татбиқ накарда бошад, мақомоти прокуратура ин ҳолатро ҳамчун вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиаи ҷиноятӣ ба қалам дода, парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши иловагӣ баргардонида нисбати му-

фаттиш чораҳои таъсиррасонӣ меандешад. Ба фикри мо ин тарзи муносибат нодуруст мебошад. Зеро қонунгузор муқаррар кардааст, ки дар кадом ҳолат чораи пешгирӣ татбиқ карда мешавад. Зиёда аз ин дар ин муқаррароти қонун меъёри ҳатмии «танҳо» истифода карда шудааст ва ин меъёр муайян намудааст, ки дар дигар ҳолатҳо чораи пешгирӣ татбиқ кардан имконнопазир аст.

Дар амалия мавридҳое мешаванд, ки муқаррароти м. 103 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон – «татбиқ ва муҳлати амали чораи пешгирӣ дар ҳаққи гумонбаршуда» дуруст фаҳмида намешавад. Мутобиқи меъёри ин модда агар гумонбаршуда дастгир гардида ва сипас нисбат ба ӯ чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ шуда бошад, ба ӯ бояд айбдоркунӣ дар муҳлати на дертар аз даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи татбиқи чораи пешгирӣ, дар ҳамон муҳлат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ эълон карда шавад. Аз муқаррароти қонун бармеояд, ки меъёри дар давоми 10 шабонарӯз эълон кардани айбдоркунӣ танҳо нисбати гумонбаршудаи дастгиршудае, ки нисбати ӯ чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан интихоб карда шудааст, паҳн мегардад, на нисбати гумонбаршудагоне, ки дастгир карда нашуда, нисбати онҳо чораи пешгирии ғайриҳабсӣ татбиқ карда шудааст. Барои мисол нисбати гумонбаршудае, ки чораи пешгирии забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат интихоб карда шудааст, дар давоми то 10 шабонарӯз эълон кардани айб ҳатмӣ нест. Мумкин аст, ки дар давоми аз ин муҳлат кам ё зиёд айб эълон карда шавад. Камбудии дигаре, ки дар қонунгузорӣ дида мешавад, номгузории ин чораи пешгирӣ мебошад: он дар м. 101 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон – забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат ва дар м. 105-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон – забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат номгузорӣ карда шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки он дар қонунгузорӣ ҳамчун забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат муайян карда шавад.

Тавре қайд шуда буд, чораҳои пешгирӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, яке аз чораҳои маҷбуркунӣ мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшаванда барои пешгирии содир шудани ҷиноят, ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи

пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби онҳо, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд. Мазмунан чораҳои пешгирӣ, чораҳое мебошанд, ки татбиқ намудани онҳо гунаҳгории шахсро дар содир намудани ҷиноят нишон намедиҳад. Бо вуҷуди ин онҳо ҳамчун чораҳои «пешгирӣ», номгузорӣ карда шудаанд. Аммо, ба инобат нагирифтани ин муқаррарот дар моддаи 109 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назар мерасад. Ба хусус дар қисми 1 моддаи номбурда чунин омадааст: «Гарав ба шарте татбиқ карда мешавад, ки товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда пурра баргардонида шуда бошад». Пешбинӣ намудани ин муқаррарот барои татбиқ намудани чораи пешгирӣ, дар як сатҳ бармаҳал дида мешавад. Мавқеи мурофиавии доираи шахсоне, ки нисбат ба онҳо метавонад чораи пешгирӣ татбиқ гардад, чунин аст, ки гунаҳгор будани онҳо дар содир намудани ҷиноят ба пуррагӣ исбот карда нашудааст. Қарор оид ба товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда, танҳо аз натиҷаи гузаронидани муҳокимаи судии парванда ва танҳо пас аз муайян кардани гунаҳгории судшаванда дар содир кардани ҷиноят, қабул карда мешвад. Хулоса дар хусуси гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят бошад, аз ҷониби суд дар ҳукм дарҷ карда мешавад. Бо назардошти оне, ки имконияти муайян кардани бегуноҳии шахс дар рафти мурофиаи судӣ ҷой дорад, мувофиқи мақсад мешавад, ки муқаррарот оид ба пурра баргардонида товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда, хориҷ карда шавад. Муқаррароти меъёри номбурда дар як сатҳ ба принсипи қонунгузории эҳтимолияти бегуноҳӣ низ, мухолифат мекунад.

Талаботи пешниҳоднамудаи қонун ба чораҳои пешгирӣ ба ҳабс гирифтан низ дахл дошта, он баъзе хусусиятҳои хоси худро дорад. Ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае татбиқ карда мешавад, ки барои ҷинояти содиркардаашон қонуни ҷиноятӣ ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст. Қонунгузор ҳамчунин муайян намудааст, ки дар мавридҳои истисноӣ нисбати субъекте, ки ҷинояти содирнамудаи онҳо таҳти татбиқи ҷазо дар намудаи маҳрум кардан аз озодӣ камтар аз ду сол қарор гирифтааст,

татбиқ намудан мумкин аст. Мавридҳои истисноӣ инҳо мебошанд:

- ба шарте ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи истиқомати доимӣ надошта бошанд;
- шахсияти ин субъектон муқаррар карда нашуда бошад;
- субъектони зикршуда аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошанд;
- агар онҳо чораи пешгирии қаблан татбиқшударо (чораҳои пешгирии ғайриҳабсӣ) риоя накарда бошанд.

Ин ҷо мехоҳем диққати хонандаро ба як мавриди истисноӣ – «ё шахсияташон муқаррар карда нашуда бошад» ҷалб созем. Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Ватани мо ҷомеаи моро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта буд ва бисёр аз ҳамватанони мо солҳо дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар овораву саргардон буданд. Табиист, ки зери таъсири ин омилҳо ҳастанд шахсоне, ки ҳуҷҷати шахсият надоранд, нагирифтанд ё гум кардаанд. Бинобар бо дарназардошти ин ҳолатҳо ва дигар омилҳои объективӣ дар қонунгузорӣ хамин ҳолати истисноӣ ба назар гирифта шудаст. Аммо дар амалия ҳангоме, ки дархостро бо маводи асоснокkунанда ба мақомоти судӣ пешниҳод карда мешавад, мақомоти судӣ бо иллати дар мавод ҷой надоштани ҳуҷҷатҳои шахсият ва муайян набудани шахсияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда ё ба таври ғайрирасмӣ дархосту маводро ба дасти муфаттиш дода онро қабул намекунад ва ё расман дар бораи ба таъхир гузоштани қабули қарори дархост барои пешниҳоди далелҳои асосноки дастгиркунӣ қарор қабул менамоянд. Ҳол он ки ҳамин «муайян набудани шахсият» – далели асосноки дастгиркунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавридҳое шудааст, ки барои дарёфти ҳуҷҷати шахсият ва муайян кардани шахсият вақт, қувваи барзиёд ва нолозим сарф шудааст. Ба маврид аст, қайд намоем, ки ҳамин ҳолати истисноӣ – муайян набудани шахсияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон (м. 150 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон), Туркманистон (м. 154 КМҶ Ҷумҳурии Туркманистон), Узбекистон (м. 242 КМҶ

Ҷумҳурии Узбекистон) ва Қиғизистон (м. 110 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон) низ пешбини шудаанд ва онҳо низ онро ҳамчун асоси дастгиркунӣ ва татбиқи чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан мешуморанд.

Бо вуҷуди ин таҷрибаи барраси накардани дархости муфаттиш бинобар сабаби муайян накардани шахсияти гумонбаршуда ва ё айбдоршавандае, ки нисбаташ чораи пешгирӣ татбиқ карда мешавад, нодуруст дида мешавад. Дар ин маврид муайян набудани шахсият яке аз сабабҳои дархост намудани муфаттиш барои татбиқи чораи пешгирӣ ба хусус дар намуди – ба ҳабс гирифтан, ба ҳисоб меравад. Одатан дар ин давра муфаттиш барои муайян кардани шахсияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда чораҳо меандешад. Дар аксар ҳолатҳо дар муҳлати муайяннамудаи КМҶ – 72 соат, имконияти муайян кардани шахсият ғайриимкон мебошад, ба хусус дар ҳолати аз дигар ноҳия ва шаҳри дурдаст будани гумонбаршуда ё айбдоршаванда. Инчунин гумонбаршуда ё айбдоршаванда метавонад ба мақсади гумроҳ ё монеа овардан ба тафтишот ному насаб ва маълумотро оид ба шахсияти худ нодуруст гӯяд.

Ба андешаи мо дар м. 111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ҷумлаи аввал (он татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтанро дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае, ки барои ҷинояти содиркардаашон қонуни ҷиноятӣ ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст, имконпазир меҳисобад) омадани ҷумлаи дуюм: Нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан танҳо мутобиқи вазнинии ҷиноят татбиқ карда шуданаш мумкин аст, бемантиқ ва ноҷо мебошад. Ба фикри шахсии мо аз ҷумлаи дуюм чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки дар сурати аз ҷониби шахс содир намудани ҷиноят вазнин ё махсусан вазнин **танҳо** мутобиқи вазнинии ҷиноят татбиқ шуданаш мумкин асту нисбати содиркунандагони ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан новобаста аз «вазнинии ҷиноят» ва дигар шарту шароитҳо мумкин аст? Дар ин муқаррарот

пайдарҳамӣ ва моҳияти татбиқ намудани чораи пешгирӣ аз ҷониби қонунгузор, мадди назар карда шудааст. Зеро татбиқи чораи пешгирӣ бояд танҳо бо асосҳои умумӣ ва мувофиқ ба тартиби пешбининамуда мутобиқат намояд, на ба категория ва намуди ҷинояти тафтиш шаванда. Зеро мутобиқи муқаррароти қонун ҷиноятҳое, ки қонун ба онҳо ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ то ду сол пешбинӣ намудааст, ҷиноятҳои начандон вазнин ва ҷиноятҳое, ки қонун ба онҳо ҷазои маҳрумӣ аз озодиро то 5 сол муқарар намудааст, ҳамчун ҷиноятҳои дараҷаи миёна ҳисобида мешаванд. Зарур аст, ки ба м. 111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дароварда шуда, қонунгузорӣ дар ин самт такмил дода шавад.

Дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 1961 механизми ба амал баровардани интихоб ва ё татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан пурра ва дақиқ муайян карда шудааст. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ баръало муайян аст, ки ҳангоми зарурати интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо ризои прокурор дархости дахлдорро дар шакли қарор ба суд пешниҳод менамоянд. Дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан асос ва сабабҳое, ки аз рӯйи он зарурати ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ба миён омадааст ва интихоби дигар чораи пешгирӣ ғайриимкон аст, дарҷ карда мешавад. Ба қарор маводе, ки асоснок будани дархостро тасдиқ менамояд, ҳамроҳ карда мешавад.

Дар амалия муқаррароти қ. 3 м.111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст ба инобат гирифта намешавад. Ба он бо таъбири «чизи муқаррарӣ» муносибат мекунанд. Дар қ. 3 м.111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ оварда шудааст, ки қарори оғоз кардани дархост дар бораи интихоб кардани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан аз ҷониби судяи суди шаҳр ва ноҳия ё ин ки суди ҳарбии гарнизон бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда, прокурор, ҳимоятгар, ба шарте ки ҳимоятгар дар парвандаи ҷиноятӣ

иштирок намояд, баррасӣ карда мешавад. Яъне қонун доираи шахсони дар мурофиаи судӣ оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан иштироккунандаро дақиқ муайян намудааст. Боз дар худи ҳамин қисми 3 муайян шудааст, ки шахсони зерин ҳуқуқи иштирок намуданро дар ин мурофиаи судӣ доранд:

- намояндаи қонунии гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ,
- муфаттиш,
- таҳқиқбаранда (дар амалия ва таҷриба кам ҳолатҳое вомехуранд, ки таҳқиқбаранда нисбати гумонбаршуда ва айбдоршаванадагон чораи пешгирӣ – ба ҳабс гирифтан интихоб мекунад.)

Иштирок дар мурофиаи судӣ вобаста ба татбиқи чораи пешгирӣ ин ҳуқуқи субъектони дар боло зикршудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад, на ӯҳдадории онҳо. Мутобиқи назарияи ҳуқуқ шахс наметавонад аз уҳдадориҳояш даст кашад, вале метавонад аз ҳуқуқҳояш даст кашад. Мутобиқи меъёри мазкури ин санади ҳуқуқӣ яке аз субъектони марказӣ ва «ҷафокаш»-и мурофиаи судии ҷиноятӣ – муфаттиш, ҳуқук дорад дар ин намуд мурофиаҳо иштирок накунад. Зеро ин ба принсипи адолати судӣ ҳангоми интихоби чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, мутобиқ аст. Қонун чунин муқаррар мекунад: Бигзор дар мурофиаи судӣ дархост ва маводи пешниҳоднамудаи муфаттишро дар ғойибии ӯ, беягон фишороварӣ ва манфиатдории тафтишоти пешакӣ дида бароянд. Дар амалия ин ҳолат тамоман баръакс амалӣ карда мешавад. Муфаттиши мақомоти корҳои дохилӣ новобаста аз сарбории зиёди кориаш аз лаҳзаи дастгир намудани гумонбаршуда ва ё оғози парвандаи ҷиноятӣ то татбиқ шудани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан тамоми вазифаҳои мақомоти таъқиби ҷиноятиро танҳо худаш ба иҷро мерасонад. Муфаттиш парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, шахсро дар содир намудани ҷиноят дастгир намуда (дар назар аст – ба таври расмӣ дар бораи дастгиркунӣ протокол тартиб медиҳад), амалҳои дахлдори тафтиширо гузаронида, қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар наму-

ди ба ҳабс гирифтан бароварда, маводи асосноккунанда ба онро ҷамъоварӣ намуда онро бо мактуб ба прокурор пешниҳод менамояд. Пас аз он ки дар мактуб ва қарори пешниҳодшуда имзои прокурорро гирифт, онро ба суд пешниҳод менамояд. Дар мақомоти судӣ муфаттиш «супориши махсусе»-ро мегирад, ки тибқи он бояд дар соати муайяншуда тамоми шахсони мутобиқи қонун дар мурофиаи судӣ иштирроккунанда – прокурор, айбдоршаванда (ё гумонбаршуда) ва ҳимоятгарро ба суд ҳозир намояд. Ҳамаи шахсони дар боло овардашударо муфаттиш ба суд ҳозир карда, пас аз оғози мурофиаи судӣ ва суханрониҳои судя, бо пешниҳоди прокурор қарори баровардаи худро (қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан) қироат менамояд. Пас аз ин тартиби муайяннамудаи қонун сурат мегирад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳатто муфаттиш дар баровардани қарор вобаста ба иҷозати интихоби чораи пешгирӣ «кӯмак» менамояд. Ҳарчанд, ки аз лаҳзаи пешниҳод намудани дархост ба суд уҳдадории муфаттиш ба охир мерасад, муфаттиш ин «вазифаҳо»-ро иҷро менамояд. Бар болои уҳдадориҳои зиёди қонунгузорӣ, вазифаҳои хизматиаш ҳамчун корманди милитсия боз уҳадориҳои сунъӣ ба дӯши муфаттиш вогузор карда мешаванд, ки шароити кории ин субъектро беҳад гарон мегардонанд. Зиёда аз ин дар сурати аз ҷониби судя рад намудани дархости пешниҳодшуда дар хусуси интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан аз як тараф прокурор ва аз тарафи дигар сардори ШВКД ба сари муфаттиш «чормағз мешикананд». Дар назари онҳо судя не, балки муфаттиш шахсро аз ҳабс «озод» карда бошад.

Дар бисёр ҳолатҳо ёрдамчиёни прокурор, ки дар мурофиа иштирок мекунанд, ҳангоми ба суд дохил шудан ҳатто намедонанд, ки дар кадом мурофиаи судӣ, оид ба кадом парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд ва нисбати кадом гумонбаршуда ё айбдоршаванда мурофиа доир мегардад. Ҳарчанд, ки ин уҳдадории пешниҳоди дархост ба суд ва дастгирӣ намудани он тибқи қонун вазифаи онҳо мебошад ва он ҳамчун натиҷаҳои фаъолияти хизматии онҳо маҳсуб меёбад. Ҳамчунин дар бисёр маврид ҳангоми оғоз намудани

мурофиаи судӣ, судя саҳван эълон медорад, ки «... мурофиа доир ба дархости пешниҳоднамудаи прокурор мавриди баррасӣ қарор мегирад». Ҳол он ки дархости пешниҳодшуда дархости муфаттиш мебошад, на дархости прокурор.

Ногуфта намонад, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии баъзе аз давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла Қазоқистон (қ. 6 м.150 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон) ва Қирғизистон (қ. 3 м.110 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон) иштироки муфаттишро дар чунин мурофиаҳо тамоман ҷоиз намедонад ва ҳатто ба муфаттиш чунин ҳуқуқ ҳам дода нашудааст. Дар м.243 КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон иштироки муфаттишро ҳамчун ҳуқуқи ин субъект медонад.

Бояд нуқтаи дигарро зикр намуд, ки дар қонуни мурофиавии-ҷиноятӣ номгузории қароре, ки ҳамчун дархост қабул шудааст, ҳархела оварда шудааст: дар м.111 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду шакл: яке ҳамчун «қарори оғоз кардани дархост дар бораи интихоб кардани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан» ва дигаре «қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан». Хуб мешуд, ба ин моддаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо дохил гардида, «қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан» мақбул дониста шавад. Дар хусуси дароз намудани мӯҳлати чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ин самт низ мушкилот дар кори муфаттишон вуҷуд дорад. Ин мушкилот асосан дар вақти пешниҳод намудани дархост ва баррасӣ намудани он дар суд вуҷуд доранд, ки дар боло зикр карда шуданд.

Дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар масъалаи тартиби тағйир ва бекор кардани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан низ холигӣ вуҷуд дорад. Дар қонун муайян нест, ки чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан аз ҷониби кадом субъект тағйир ё бекор карда мешавад. Дар қ. 1 м.104 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо чунин меъёр вуҷуд дорад: «Дар бораи татбиқ намудан, тағйир додан ва ё бекор кардани чораи пешгирӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя қарор ва суд таъинот мебароранд, ки дар онҳо зарурати

татбиқи чораи пешгирӣ, тағйир додан ва ё бекор кардани он нишон дода мешавад». Дар фарқият аз қонунгузории мо дар қ. 4 м.110 КМҶ Федератсияи Россия дақиқ муайян карда шудааст, ки чораи пешгирие, ки дар асоси қарори суд интихоб карда шудааст, танҳо аз ҷониби суд бекор ё тағйир дода мешавад. Дар қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми ба амал баровардани татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан нисбат ба дигар чораҳои пешгирӣ фарқ мекунад, аз ин рӯ бояд механизми тағйир додан ва ё бекор кардани он низ дар қонун ба таври равшан муайян карда шуда, духурагӣ ва ё холигӣ аз қонун бартараф карда шавад.

Вобаста ба ин фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунем. Аз таҳлил ва тартиби пешбининамудани қонуни мурофиавии-ҷиноятӣ вобаста ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, бармеояд, ки ин чораро муфаттише, ки парвандаи ҷиноятиро тафтиш мекунад, интихоб мекунад. Суд танҳо иҷозати татбиқи онро медиҳад, на балки худ онро татбиқ мекунад. Зеро ягон масъулият ё ҷавобгарӣ ба зиммаи суд вогузор карда нашудааст. Дар сурати баррасӣ кардани саволи бекор ё тағйир додани чораи пешгирӣ бо чораи «ғайриҳабсӣ» бо иҷозати суд, ҳолате мешавад, ки судро ҳамчун мақомоти татбиқкунандаи чораи пешгирӣ нишон медиҳад, ки ин ба таъинот ва функсияҳои асосии суд ҳамчун макомоти амаликунандаи адолати судӣ, номувофиқ мебошад. Додани иҷозатро барои ба ҳабс гирифтан, мантиқан фаҳмидан мумкин аст, зеро дар натиҷа ҳуқуқҳои конститутсионии инсон маҳдуд ё худ маҳрум карда мешаванд. Аммо, бекор кардани ин чораи пешгирӣ ё ин ки иваз кардани он бо чораи пешгирии нисбатан сабуктари «ғайриҳабсӣ», бо ягон маҳдудият вобаста набуда, баръакс барои барзиёд маҳдуд накардани ҳуқуқҳои гумонбаршуда ё айбдоршаванда равона карда шудааст. Тавре амали КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 1961 ва таҷрибаи тафтишотии солҳои пешин нишон медиҳад, барои озод кардани гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз ҳабс, ё ин ки иваз намудани ин чораи пешгирӣ ба чораи пешгирии «ғайриҳабсӣ» муфаттиш танҳо қарор мебаровард, ки зарурияти тасдиқ ё гирифтани иҷозати хаттӣ, лозим набуд.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлили ин масоил дида мешавад, ки дар татбиқ намудани чораи пешгирӣ, камбудиҳои назаррас ҷой доранд. Онҳо барои фаъолияти кории муфаттиш мушкилиҳо меоваранд. Ин гуна мушкилиҳо ҳам дар сатҳи меъёрҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар барзиёд мураккаб будани тартиби интихоб ва ё бекор кардани татбиқи чораи пешгирӣ ба хусус дар намуди ба ҳабс гирифтан дида мешавад. Агар барои татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди гарав номутобиқӣ ва мухолифат бо муқарраротҳои роҳбарикунанда ҷой дошта бошад, татбиқ намудани ба ҳабс гирифтан бо тартиби барзиёд мураккаб алоқаманд мебошад. Ба хусус он бештар на барои асоснок кардани татбиқи он ва ё манфиатҳои тафтишот бо парвандаи ҷиноятӣ, балки барои расмиёти гарон равона карда шудааст, ки дар натиҷа моҳият ва таъиноти асосии ин чораи пешгирӣ коста гаштааст.

# БОБИ 7

# МУШКИЛОТИ ПЕШБУРДИ АМАЛҲОИ ТАФТИШИИ АЛОҲИДА

Дар шароити кунунӣ мушкилот дар давраи тафтишоти пешакӣ, бахусус ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишии алоҳида аз ҷониби муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ мавҷуданд, ки боиси иҷро нашудан ва ё ба таври дахлдор иҷро нашудани вазифаи муфаттишӣ гардидааст. Пас аз қабул шудани КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор гирифтани он мушкилоти зиёде ҳангоми татбиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба вуҷуд омада, масъулияти муфаттишро боз ҳам зиёд гардонидаанд. Ин аз як ҷиҳат вобаста ба он, ки қонун нав мавриди амал ва иҷроиш қарор гирифта, таҷрибаи татбиқи қонун кам ва номукаммал бошад, аз тарафи дигар қонунгузор ба уҳдаи муфаттиш вазифаҳоеро гузоштааст, ки барои ба иҷро расонидани меъёри қонун муфаттиш ба чанд мақомоти назоратӣ (тобеияти дутарафа) тобеъ мегардад. Чунин ҳолат фаъолияти муфаттишро хело мураккаб гардонидааст. Ба муфаттиш ҳам аз ҷиҳати ақлонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ чунин сарборӣ барзиёд ва басо мушкил мебошад. Тобеияти дутарафа хусусан ҳангоми ба амал баровардани функсияҳои мурофиавии муфаттиш дар самти гирифтани ризояти прокурор ва иҷозати суд барои гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ, ки онро қонун муқаррар намудааст, ба миён омадааст.

Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии бисёр аз давлатҳо, аз ҷумла КМҶ Федератсияи Россия, муфаттиш дархостро оид ба иҷозат додан ба ин ё он амали тафтишӣ ба сардори воҳиди тафтишотӣ пешниҳод намуда, пас аз гирифтани розигии сардор онро бевосита ба суд пешниҳод менамояд. Дар ин ҷо ҳам сарфи вақту ҳам сарфи нерӯ шуда, такроршавии функсияҳо аз байн меравад. Зеро сардори воҳиди тафтишотӣ нисбат ба прокурори назоратбаранда дар баробари муфаттиш масъули зиёд дошта, ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ ва амалҳои тафтишии аз ҷониби муфаттиш гузаро-

нидашуда, доимо дар зери назорати ӯ қарор дорад ва донишу маҳорат ва малакаи муфаттиш ба ӯ аёнтар аст.

Дар вақти гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар фаъолияти муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ чунин мушкилот низ вуҷуд дорад:

- дар вақти гирифтани хабар ва маълумот оид ба ҷинояти содиршуда ва ё ҷиноят дар давраи тайёрию сӯиқасди ҷиноят аз ҷониби сардорони мақомоти таҳқиқ ва шахсони масъул (аз ҷумла қисмҳои навбатдорӣ) на ҳамавақт саривақт ва пурра ба ҷойи ҳодиса баромадани гурӯҳи оперативӣ-тафтишотиро таъмин месозанд. Аксар вақт ба ҷойи ҳодиса муфаттиш бо як ё ду корманди мақомоти таҳқиқ ҳозир мешавад, ки нақши ин кормандон тамоман назаррас нест. **Бо баҳонаи оне, ки дар ҷойи ҳодиса «дар ҷойи ҳодиса роҳбар – муфаттиш» тамоми кори ҷойи ҳодиса бар души муфаттиш бор карда мешавад**. Қисме аз кормандон аз ҳисоби дарк накардани масъулият, бетаҷрибагӣ ва беҳавсалагӣ як варақ ё нимваракро сиёҳ мекунанду халос. Кормандоне низ ёфт мешаванд, ки дар ҷойи ҳодиса ҳатто «даст ба оби хунук» намезананд. Ҷойи ҳодиса тамоман ҳифз карда намешавад. Эксперт-криминалистон вазифаҳои худро танҳо бо иштирок кардан дар ҷойи ҳодиса маҳдуд мекунанд. Онҳо бо тамоми таҷҳизотҳои зарурии криминалистӣ таъмин нестанд ва агар таъмин бошанд ҳам, он таҷҳизотҳо ба пуррагӣ истифода бурда намешавад. Дар рафти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба муфаттиш кормандони мақомоти таҳқиқ ёрии амалии худро намерасонанд.

Мушкилоти дигаре, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба вуҷуд меоянд, ин гузаронидани ин амали тафтишӣ бо маводе, ки тобеияти тафтиши пешакӣ набуда, тобеи (мақомоти) таҳқиқ ва (прокуратура) мебошанд, ба ҳисоб меравaнд. Баъзан масъулон бар он ақидаанд, ки гузаронидани азаназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин вазифаи танҳо муфаттишон мебошад ва дар вақти кирдорҳое, ки дар худ аломатҳои таркиби ҷиноятро доро нестанд ва ё тобеияти мақомоти таҳқиқ мебошанд, муфаттишонро ҷалб намуда натиҷаи ин амали тафтишӣ – протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро ба маводи худ ҳамроҳ менамоянд, ки нодуруст ме-

бошад. Дар сурати муайян шудани ҳолате, ки кирдор ҷиноят нест ва ё тобеияти тафтиши пешакӣ нестанд, муфаттиш ҷойи ҳодисаро азназар нагузаронад ва ё дар сурати гузаронидани ин амали тафтишӣ протоколи он аз дохили маводи таҳқиқ гирифта шуда, ба қазия супорида шавад.

- Ҳангоми дастгиркунии воқеии гумонбаршуда ва таъмини ҳуқуқҳои он мушкилоти дигар вуҷуд дорад. Аксар маврид мақомоти таҳқиқ, хусусан мақомоти оперативӣ гумонбаршударо хеле барвақт дастгир намуда, пас ба назди муфаттиш оварда, талаб менамоянд, ки протоколи дастгиркуниро муфаттиш тартиб диҳад. Дар ин мавридҳо ҳуқуқҳои гумонбаршуда таъмин карда нашуда, ба таври ҷиддӣ поймол карда мешаванд. Бо мақсади аз байн бурдани ин ҳолатҳо 13-уми феврали соли 2014 таҳти № 7/24-478 Талаботи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардид[1]. Мувофиқи талаботи мазкур дар баробари ба роҳбарӣ гирифтани меъёрҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дар ин самт қабулшуда, баъди ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани дастгиршуда бетаъхир санад дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқҳои дастгиршуда ва дар давоми се соат протоколи дастгир кардани гумонбаршуда тартиб дода мешавад. Дар ҳолати аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ зиёда аз се соат нигоҳ доштани дастгиршуда, шахси ваколатдоре, ки дастгиркунии воқиеро ба амал баровардааст, бетаъхир бояд протоколи дастгир кардани гумонбаршударо тартиб дода, бо маводҳои ҷамъоварда шуда, фавран ба мақомоти тафтишотӣ пешниҳод намоянд ё дар давоми 12 соат масъалаи оғози парвандаи ҷиноятиро ҳал намуда, сипас аз рӯйи тобеият ба мақомоти тафтишотӣ ирсол намоянд. Илова бар ин, тибқи замимаҳои 1 ва 2-и Талаботи номбурда «Намунаи протоколи

---

[1]Талаботи мазкур бахри иҷроиши муқаррароти Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с., қабул карда шуд.

дастгир намудани гумонбаршуда» ва «Санад дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқҳои дастгиршуда» таҳия ва замима карда шуда, якҷоя бо талабот ба ҷузъу томҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд. Кормандони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки зимни ба амал баровардани дастгиркунӣ бояд мутобиқи ин талабот рафтор намоянд. Ҳаминро бояд қайд кард, ки меъёрҳои овардашуда бояд на дар санадҳои зерқонунӣ, балки ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бевосита ҳамчун шакли тағироту иловаҳо ворид карда шавад.

- Гузаронидани амали тафтишии нишон додани шахс дар шароите, ки шинохташаванда шиносандаро дида натавонад, яке аз мушкилоти асосӣ дар фаъолияти муфаттишон мебошад. Тибқи қ. 9 м.206 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти шиносанда нишон додани шахс барои шинохтан метавонад дар шароите доир гардад, ки шинохташаванда шиносандаро дида натавонад. Бинобар набудани шароит – яъне утоқҳои бо шишаҳо ва таҷҳизоти махсус ҷиҳозонидашуда барои гузаронидани амали тафтишии номбаршуда ин меъёри қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҳолати «бемалӣ» қарор дорад. Воқеан ҳангоми таълифи маводи мазкур лоиҳаи «Дастурамал дар бораи тартиби нишон додани шахс барои шинохтан дар шароите, ки шинохташаванда шиносандаро дида натавонад»[1] омода гардида, ба муҳокимаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда шудааст. Ба ростӣ, лоиҳаи мазкур баъзе нуқсонҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ дорад, вале санади ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои байналмиллалӣ ва давру замон мебошад.

- Масъалаи **гузаронидани экспертизаҳо, кофтукови шахсӣ, гирифтани далелҳои шайъӣ то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ** низ яке аз мушкилоти ҳамарӯзаи мақомоти тафтиши пешакӣ мебошад. Ба нафароне, ки дар масъалаи баррасии аризаву иттилоот дар бораи ҷиноят ва оғоз намудани

---

[1] Аз ҷониби Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ҳуҷҷати мазкур таҳия ва ба мувофиқаи мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуда буд. Аммо, то ба имрӯз аз ҷониби тарафҳо бо кадом сабаб ба тасвиб нарасидааст, ба мо маълум нест.

парвандаи ҷиноятӣ тасаввуроте доранд, мусаллам аст, ки дар сурати мавҷуд будани асоси кофӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Ҷой доштани ашё ва предметҳое, ки метавонанд дар оянда ба сифати далелҳои шайъӣ истифода шаванд, барои тафтиши парванда ва исбот кардани ҳолатҳо бо он мусоидат мекунанд. Ин гуна ашё ва предметҳо аксар вақт бо гузаронидани кофтукови шахсӣ ва амали тафтишии ёфта гирифтан ба даст оварда мешаванд ва хулоса (маълумотнома)-и экспертиза дар ин ё он соҳа мебошанд. Аммо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидани чунин амалҳои тафтиширо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҷоиз медонад. Ғайр аз амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса (м.182 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), дигар амалҳои тафтишӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Дар амалия бошад фоизи хеле зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ маҳз дар асоси гузаронидани ин амалҳои тафтишӣ ҳамчун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтан оғоз карда мешаванд. Ҳарчанд, ки тибқи қ. 3 м.9 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор донista, бекор карда мешаванд. Ба андешаи ҷониби мо мавҷудияти чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол карда мешаванд, аз камбудӣ холи нестанд, ки ин боиси нигаронӣ мебошад. Дар фурсати муносиб пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаҳои дахлдори КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид намуда, бояд дар мавридҳои истисноӣ имконпазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтанро пеш аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ (чун протоколҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтукови шахсӣ) таъмин намуд. Дар қонунгузориҳои мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия (банди 4 м.146 КМҶ Федератсияи Россия), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (банди 2 м.180 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон), Белоруссия (банди 2 м.226 КМҶ ҶБ) ва Ҷумҳурии Қазоқистон (банди 2 м.242 КМҶ

Ҷумҳурии Қазоқистон) пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани экспертиза иҷозат дода шудааст.

- Набудани шароити корӣ (утоқҳои корӣ ва ҷиҳози он), таъмин набудан бо зарууртарин таҷҳизотҳои криминалистиву тафтишӣ низ аз ҷумлаи мушкилот ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишии алоҳида маҳсуб меёбад.

- Ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои гурӯҳӣ, вазнин ва махсусан вазнин сардорони воҳидҳои тафтишотӣ вобаста ба тафтиши ин қабил парвандаи ҷиноятӣ масъулияти лозима зоҳир накарда, пешбурди парвандаи ҷиноятиро, ки гузаронидани амалҳои зиёди тафтишотиро дар вақти кам талаб мекунад ба уҳдаи як муфаттиш вогузор намуда, уҳдадории худро оид ба созмон додани гурӯҳи тафтишотӣ иҷро намекунанд. Аслан сардорони воҳидҳои тафтишотӣ дар ШВКД ва РВКД-ҳо роҳбарии худро дар маънии зоҳирӣ ва иҷро намудани «дастурҳо»-и сардорони мақомоти таҳқиқ мебинанд. Онҳо ба мушкилоти муфаттишон ва сифати тафтиши пешакӣ аҳамияти зарурӣ надода, саргарми фаъолияти оморӣ-нақшавӣ мебошанд. Дар вақти пешниҳод намудани ҳисоботи корӣ ҳатто оид ба хурдтарин ҷузъиёти фаъолияти муфаттишон маълумот надоранд. Ин аз як ҷиҳат аз бесалоҳиятӣ ва фориғболии онҳо бошад, аз тарафи дигар надоштани дониши қазоӣ, маҳорату малакаи касбӣ мебошад.

- Аз ҷониби мақомоти «назоратбаранда»- сардори мақомоти таҳқиқ, мақомоти назораткунанда – прокуророн ва мақомоти судӣ – судяҳо дар баъзе мавриди ба миён овардани монеаҳои сунъӣ (талаботу супоришҳои бемантиқ), ки кори муфаттишро бамаротиб зиёд мекунанд, ҳамчун мушкилот метавон эътироф намуд.

Дар фаъолияти муфаттиш боз дигар мушкилот ҳангоми гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ҷой доранд.

Мақсади таҳлил кардани мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти мурофиавии муфаттишон аз он иборат аст, ки мутаассифона оид ба мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти муфаттишон то ҳол касе ё масъуле садо баланд накардааст. Дар конфронсу семинарҳо дар мавзӯъҳои мухталифи татбиқи меъёри ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бар-

расии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар ин самт сари камбудиҳои зикршуда андеша ва суханронӣ мекунанд, аммо он бе баррасии минбаъда мемонад. Ба баъзе масъалаҳои умумӣ ба таври сатҳӣ ва рӯякӣ истода мегузаранд ва ё бо табдили вожаҳои забонӣ маҳдуд мегарданд. Дар асл бошад камбудиву мушкилот дар ин самт хеле зиёданд.

Боварӣ дорем, ки нуқтаҳои иброзшуда дар бартараф кардани мушкилоти дар давраи тафтишоти пешакӣ вуҷуддошта, дарёфт намудани роҳу усул ва воситаҳои беҳтар гардонидани вазъи ҳуқуқии муфаттиш, чӣ аз ҷониби қонунгузор ва чӣ аз нигоҳи амалӣ саҳме мегузорад. Дар ин радиф, нақши илми мурофиаи ҷиноятӣ ва олимони соҳа низ бузург аст.

# БОБИ 8

# СУПОРИШИ ХАТТИИ МУФАТТИШ ЯКЕ АЗ ЗАМИНАҲОИ КУШОДАН ВА ОШКОР НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО

Амалияи таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои содиршудаи дар ҳолати номуайянӣ қарордошта дар бисёр маврид нокушода мемонад, ҷинояткор фош карда намешавад ва ин субъектони хавфнок дар байни ҷомеа озодона гашугузор намуда, боз даст ба содир намудани дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мезананд. Шахси ҷиноят содир намуда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дур мемонад. Ҳарчанд, ки яке аз принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар м.6 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҳушдор медиҳад: Ҳар шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бояд таҳти ҷазо қарор гирад ё нисбати ӯ чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятии дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда татбиқ гардад. Сабабҳои ошкор нагардидан ва ё саривақт накушодани ҷиноятҳо гуногун чунин дида мешаванд: бесалоҳиятӣ ва надоштани касбияти кормандоне, ки кушодан ва ошкор сохтани ҷиноят дар фарқият аз муфаттиш вазифаи асосии онҳо мебошад; надоштани дониш, таҷриба ва малакаи корӣ. Дар аксар ҳолат, сабаби асосии нокушода мондани ҷиноятҳо ин дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани ҳамкории муфаттишон бо мақомоти таҳқиқ, аз ҷумла хадамоти оперативӣ дар самти кушодан ва ошкор сохтани ҷиноятҳо ва дар умум мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад.

Яке аз шаклҳои ҳамкории байни муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ ин пешниҳоди супоришу дастурҳои хаттии муфаттиш ва иҷрои он аз ҷониби мақомоти таҳқиқ мебошад. Мутобиқи сархати 9 қ. 1 м.39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш вазифадор аст, ки ба кормандони мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳои хаттие диҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ буда, мусоидати

ин мақомотро дар пешбурди амалҳои тафтишӣ талаб намояд. Ин ҷо зарур аст, ки бояд мафҳуми «супориш», «дастур» муайян карда шавад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми ин вожаҳо дода нашудааст, вале дар адабиёти илмӣ ва ҳуқуқӣ кушиши кушодани маънии «супориш» карда шудааст. Баъзе аз муаллифон супориши муфатишро ҳамчун пешниҳод ба мақомоти таҳқиқ оид ба амалӣ кардани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтишӣ маънидод кардаанд. Вале ин гуна маънидодкунӣ моҳияти «супориш»-ро пурра дар бар намегирад. Қонун муфаттишро вазифадор кардааст, ки ба мақомоти таҳқиқ супорише диҳад ва иҷрои он ҳатмӣ мебошад. Вале вақте сухан дар бораи ҳатмӣ будани иҷрои супориш меравад, супориш ҳеҷ вақт ҳамчун «пешниҳод» эътироф карда намешавад.

Супориши хаттии муфаттиш ҳамчун ҳуҷҷати мурофиавӣ чунин реквизитҳоро бояд дар бар гирад:

1) Номгӯйи мақомоти таҳқиқ, ки ба он супориши хаттӣ равон карда мешавад. Супориш бояд ба номи сардори мақомоти таҳқиқ равон карда шавад. Дар мисоли макомоти корҳои дохилӣ сардори мақомоти таҳқиқ дар шаҳру ноҳияҳо сардори милитсия мебошанд, на сардорони хадамоту шуъбачаҳои зертобеи он (аз ҷумла: сардори ШКҶ, сардори ШТҲҶ, сардори ШМЗГГММ, сардори ХПҲНҶ, сардори ХШР ва ғайрҳо). Дар амалия ҳолатҳое вомехуранд, ки супоришу дастури хаттии муфаттиш ба номи сардорони хадамоту шуъбачаҳои зертобеи мақомоти таҳқиқ равон карда шуда, аз номи ин шахсон ҷавоби он ворид гардидаанд. Ин ҳолат хилофи қонун мебошад.

2) Ҳолати мухтасари кор (вақт, макон, тарз, хусусият ва дигар ҳолатҳои муҳими содиршавии кирдори ҷиноятӣ) дар супориши хаттӣ бояд дарҷ гардад. Яъне ба иҷрокунанда муайян бошад, ки чи гуна ҷиноят ва дар кадом ҳолат содир шуда, ҷузъиёти ҷиноят равшан бошад.

3) Дар он бояд асосҳои ҳуқуқии додани супориши хаттӣ, яъне м.39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шавад. Дар қисмати хотимавии супориши хаттӣ амалҳои тафтишӣ, ҷустуҷӯӣ ва дигар амалҳое, ки бояд гузаронида шавад, мақсад ва муҳлати иҷроиши нишон дода мешавад.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муҳлати иҷроиши супориши хаттӣ дақиқ муайян карда нашудааст. Дар амалия чунин ақида вуҷуд дорад, ки муҳлати иҷроиши дастур (супориш)-и хаттии муфаттиш даҳ шабонарӯз мебошад. Мутобиқи қ. 4 м.162 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурати пешбурди амалҳои тафтишӣ дар маҳалли дигар муфаттиш ҳуқуқ дорад онҳоро шахсан гузаронад ё пешбурди ин амалҳоро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқи ин маҳал супорад. Муфаттиш ҳуқуқ дорад гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба мақомоти таҳқиқи маҳалли тафтиши пешакӣ ё маҳалли пешбурди он супорад. Супориши муфаттиш бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ шабонарӯз иҷро карда шавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи пешбурди амалҳои тафтишӣ дар маҳалли дигар меравад ва қонунгузор муҳлати иҷроиши супориши хаттиро дар маҳалле, ки муфаттиш ва тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, дақиқ муайян накардааст.

4) Дар супориши хаттӣ бояд замима – нақша, суратлавҳаҳо, нишона ва номгӯи ашёву чизҳои тасарруфшуда, нишонаҳои шахси содиркунандаи ҷиноят, ки иҷроиши ин санади мурофиавиро осон мегардонанд, нишон дода шавад.

5) Супориши хаттиро муфаттиш бо нишон додани вазифа, рутба, ному насаби худ имзо мегузорад.

Ба дилхоҳ корманди мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум аст, ки нақши аввалиндараҷаро дар «гармогармӣ» кушодан ва ошкорсозии ҷиноят – кор дар ҷойи ҳодиса мебозад. Агар роҳбарӣ ва кор дар ҷойи ҳодиса дар сатҳи касбият ба роҳ монда шавад, ҳар як иштирокчии ҷойи ҳодиса мавқеъ ва нақши худро дуруст донад ва ин фаъолият дуруст расмӣ кунонида шавад, ҷинояти содиршуда саривақт кушода мешавад. Роҳбарии ҷойи ҳодисаро бошад муфаттиш ба дӯши худ дорад. Албатта ин аз сатҳи донишу маҳорат ва малакаи муфаттиш низ вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки агар сатҳи донишу маҳорат, малака ва касбии муфаттиш дар дараҷаи баланди касбият қарор дошта бошад, вале дигар кормандоне, ки дар ҷойи ҳодиса барои ошкорсозии ҷиноят сафарбар шудаанд, мавқеи худро надонанд, донишу таҷрибаи кофӣ

надошта бошанд ва бо «дили нохоҳам» кору фаъолият баранд, фаъолияти муфаттиш бесамар мегардад.

Дар ҷойи ҳодиса алоқаро байни муфаттиш ва дигар кормандони дар ҷойи ҳодиса сафарбаршуда дастур ва супоришҳои муфаттиш пайваст мекунад. Гузашта аз ин, дар санадҳои меъёрии дохилиидоравии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши супоришу дастури муфаттиш ба таври баръало нишон дода шудааст. Мутобиқи банди 2-и «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят», ки бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон № 207 б/з аз 20-уми феврали соли 2010 тасдиқ шудааст, муфаттиш дар ҷойи ҳодиса, шахси мансабдори ба оқибати азназаргузаронӣ ҷавобгар буда, ташаббуси роҳбарии гурӯҳро бар дӯш гирифта, амали ҳама аъзоёни гурӯҳро таҳти назорати худ қарор медиҳад ва ҳар якеро вобаста ба салоҳият ва вазифаи ишғолкардааш барои ошкор кардан, муайян намудан ва гирифтани изҳои ҷиноят, муқаррар намудани ҷабрдидагон ва шоҳидон, сафарбар менамояд. Бе иҷозат ва розигии муфаттиш ҳеҷ кас ҳуқуқи даxолат кардан ба ҷойи ҳодисаро надорад. Иҷроиши ҳама супоришҳои муфаттиш, вобаста ба ҳар як ҳодисаи муайяншуда аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи тафтишотӣ-оперативӣ ва дигар иштирокчиён ҳатмист. Тибқи зербанди «б»-и банди 2.4.-и дастурамали болозикр нозири минтақавии милитсия супоришҳои муфаттишро дар хусуси муайян намудани шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар шахсоне, ки дар хусуси ҷиноят ва ашхоси содиркардаи он маълумот дода метавонанд, иҷро менамояд. Вай бо мақсади иҷро намудани супориши муфаттиш бо сокинони маҳали ҷойи ҳодиса, кормандони ғайриштатии милитсия ва имкониятҳои дигарро истифода мебарад.

Дар амалияи ошкорсозӣ ва кушодани ҷиноятҳо кор тамоман ранги дигар дорад. Дар ҷойи ҳодиса на танҳо кормандони милитсия ба супоришу дастурҳои муфаттиш беэътиноӣ менамоянд, баъзан аз ҷониби роҳбарони мақомоти таҳқиқ (милитсия дар назар дошта шудааст), ки салоҳияту ваколати таъсиррасониро надоранд, ба фаъолияти муфаттиш мудохила намуда, диққати муфаттиш ва корман-

донро тамоман ба дигар тараф равона намуда, ба кори муфаттиш монеагӣ эҷод месозанд. Ҳарчанд, ки тибқи банди 3.4.-и «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят» ашхоси мансабдор мувофиқи қонун ба тафтиши ҷиноят ваколат надошта, ҳуқуқ надоранд, ки зимни азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба фаъолияти муфаттиш дахолат кунанд.

Меъёри муайяннамудаи сархати 9 м.39 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ супоришу дастури муфаттишро ҳамчун асоси гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян сохт. То қабули КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» муайян шуда буд. Мувофиқи қ. 3 м.7 Қонуни номбурда яке аз асосҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ин супориши муфаттиш ба ҳисоб меравад. Амалия ва таҷрибаи чандинсолаи воҳидҳои тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки мақомоти таҳқиқ, аз ҷумла хадамоти оперативӣ ба супориш ё дастури хаттии муфаттиш беэътиноӣ намуда, иҷроиши онро таъмин наменамоянд. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ин гуна вазъият муфаттиши дар тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ «танҳомонда» маҷбур мешавад, ки мақомоти таҳқиқ ҷавоби супориш ё дастури хаттиро омода карда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ намояд. Гӯё бо ҳамин иҷрои супоришу дастури хаттӣ таъмин шуда бошад. Ё худ мақомоти таҳқиқ ҷавоби супоришу дастури хаттиро бемаънӣ ва якнавохт, ки аз он ба парвандаи ҷиноятӣ ягон манфиате нест, ба муфаттиш равон мекунанд.

Супориши хаттӣ ва ҷавоби он аз рӯйи хосияти худ дар парвандаи ҷиноятӣ равшанкунандаи паҳлӯҳои номуайян, пуркунандаи холигии тафтишоти пешакӣ ва мустаҳкамкунандаи далелҳои дар парванда ҷамъовардашуда (хоҳ далелҳои тасдиққкунанда ва хоҳ далелҳои радкунанда) ба ҳисоб мераванд. Супориши хаттӣ одатан ба иҷрои амалҳое равона карда мешавад, ки амалӣ намудани он ба ваколату салоҳияти муфаттиш дохил намегардад, ё худ муфаттиш ҳуқуқи гузаронидани он амалҳоро надорад, дар мисол – гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Ошкор сохта-

ни ҳолатҳои номуайян дар парвандаи ҷиноятӣ, кушодани ҷиноятҳои пурпечутоб, дастгир намудани шахсони ҷиноятсодирнамуда бе гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мушкил мегардад. Дар амалия кам ҳолатҳое вомехӯранд, ки рисолати ба амал баровардани вазифаҳои номбаршуда бо роҳи тафтишотӣ ва ё фаҳмондадиҳӣ ба ҷо оварда мешавад.

Агар дилхоҳ парвандаҳои ҷиноятӣ, хусусан парвандаҳои ҷиноятии оид ба ҳолатро аз ШВКД-ҳо дар шаҳру ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор дода шавад, муайян мегардад, ки дар қабати маводи парвандаи ҷиноятӣ ё ҷавоби супориши хаттӣ умуман вуҷуд надорад ва ё ҷавобҳои супориши хаттӣ ҳама як шаклу як мазмун доранд. Бо ин тарзи муносибат бо кор ҳеҷ вақт ҷиноятҳо кушода намешаванд ва моҳу солҳо парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳолати номуайянӣ боқӣ мемонанд.

Кормандони мақомоти таҳқиқ ва хадамоти оперативӣ, ки соҳиби донишу фаҳмиши кофӣ, таҷрибаи бойи корӣ, маҳорату малакаи баланд мебошанд, бо муфаттишон дар алоқамандии зич қарор дошта, «ҳар як қадам»-и парвандаи ҷиноятиро ҳамроҳӣ намуда, дастуру супоришҳои хаттии муфаттишонро саривақт ва босифат иҷро намуда, дар кушодан ва ошкорсозии ҷиноятҳо нақши муассир мегузоранд ва дар аксар маврид ҷиноятҳо кушода мешаванд.

# БАРОИ ҚАЙДҲО

***Раҳмадҷонзода  Рифат  Раҳмадҷон***
***Маҳмадализода  Алишер  Маҳмадалӣ***
***Арипов Анвар Лутфиллоевич***
***Каримов  Эраҷ  Ҳотамович***

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ПЕШБУРДИ ТОСУДИИ МАВОД ВА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

***Монография***

Ба чоп 06.07.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 6,0.
Теъдоди нашр 100 нусха. Супориши № 240.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com

ISBN 978-99975-78-26-6

R-Graph